# Фирӯза

№ 3–4
2 0 2 4
Занони Тоҷикистон,
таъсис аз соли 1932





Наврӯз  бо обу хок, марзу бум ва руҳи тамаддунсози ниёгони мо пайванди азалӣ дошта, расму оинҳои он рамзҳое доранд, ки аз замонҳои бостонӣ то имрӯз рӯзгори мардуми фарҳангиву ободгар ва инсондӯсту таҳаммулгарои моро ҳамроҳӣ мекунанд. Дар айёми Наврӯз табиат эҳё мегардад, инсон неруи нав мегирад, дилу андешаҳо ба ҳам меоянд, одамон амалҳои саховату накукорӣ ва хайру савобро ба ҷо оварда, ба ҳамдигар шодиву сурур мебахшанд. Воқеан, Наврӯз аз муборактарин ҷашнҳои миллии мо – тоҷикон ва дигар мардумони ҳавзаи Наврӯз аст, ки аз замонҳои қадим то ба имрӯз бо ғояҳои олии башардӯстона - дӯстиву ҳамкорӣ, созандагиву ободкорӣ, инсондӯстиву хайрхоҳӣ ва шукргузорӣ аз зебоиву неъматҳои табиат мардумро гирди ҳам меорад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам**
**Эмомалӣ Раҳмон**

# ШАМИМИ НАВРӮЗ

Бо насими гулбезу шамими атрогин ба кишвари хуршедии мо баҳор омад. Дар осмони фирӯзагуни Ватан парастуҳо бол мезананду бачаҳо бо замзамаи суруди бойчечак пайки растохези табиатро мужда меоранд. Пиру барно гулҳои Наврӯзиро ба дида молида аз он меболанд, ки ба баҳори нав расиданд.

*Баромад боди субҳу бӯйи Наврӯз,*
*Ба номи дӯстону бахти фирӯз,*
*Муборак бодат ин солу ҳама сол,*
*Ҳумоюн бодат ин рӯзу ҳама рӯз.*

Пайғоми фалак бо гармии хуршед, чаҳ-чаҳи булбулону накҳати гулу ёсамин, бо садои дафу суруди суманак ба домани уфуқи рӯшанрези зиндагӣ танин дорад. Бо лутфи борони файзрез, бо шукуфтанҳову рустанҳо баҳор равзанаи меҳру ихлос, шодию нишот ва файзу баракатро ба рӯямон боз мекунад. Накҳати шукуфарез парда аз қафаси қалбу андешаҳо бардошта, зеҳни моро таҷаллии тозае мебахшад.

Дар Тоҷикистони биҳиштосои мо Наврӯз бо шукӯҳу шаҳомати ҷаҳонӣ замзамаи шукуфоӣ дорад. Наврӯз на танҳо ҷашни баҳор, балки тарғибгари беҳтарин расму анъана, суннатҳои воло, фарҳанги барҷастаи инсонӣ буда, фурсатест барои оғӯши меҳру муҳаббат кушодан бо пайвандону азизон, дӯстону ҳамдилон, аз дил берун кардан ва ба боди фаромӯшӣ додани ҳама гуна кудуратҳо ва дароз намудани даст бахри дӯстиву ҳамдилист. Паёми Наврӯз сулҳофарӣ ва башардӯстӣ аст, зеро он накутарин ҷанбаи зиндагӣ ва русуми башариро дар худ таҷассум намуда, талқин месозад, ки мардум дар сулҳу осоиш ва амнияти зиндагӣ кунанд.

Наврӯзи оламафрӯзро аҷдодони мо дар масири таърихи зиёда аз шашҳазорсола бо як ҷаҳон орзу ва таманниёт барои беҳбудии рӯзгор ва сафои бахти сафеду осоиштагӣ таҷлил менамуданд. Гиромӣ доштани ин рӯз аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз ибтидои рӯзгори хуш ва сабзгуну гулбези модарон аст. Модари тоҷик дар катибаи таърих ин ҷашнӣ бостонӣ - Наврӯзро бо каломи ваҳдату некбинӣ ба оянда, файзу сахо ва меҳру садоқат ҳаккокӣ намуда, тули садсолаҳо маҳфуз дошт.

Оре, шумо модарону хоҳарони азиз хазинадори расму русум ва нигоҳдорандаи анъанаҳои неки наврӯзӣ буда, дар ин айёми гулафшон бахри таҷлили ин ҷашни бостонӣ тараддуди хосае доред.

*Дилбозии дилбарона дорад Наврӯз,*
*Нозу нафаси занона дорад Наврӯз.*



*Мавҷудаи Саид*

Ҳунари волову кӯшишу ғайрати шумо бонувон аст, ки деги суманак дар ҷӯш асту суфраи ҳафтсину ҳафтшин ороста ва садои даф бо суруди наврӯзӣ дар гӯшаю канори ҷаҳон садо медиҳад.

*Монанди арусакони гулпероҳан,*
*Сад ишваю сад тарона дорад Наврӯз.*
*Аз навдаи гул чу майдабофӣ карда,*
*Кокул ба миёни шона дорад Наврӯз.*
*Зардуштсулола асту Ҷамшеднажод,*
*Аз ҷоми Ҷамам нишона дорад Наврӯз.*

Наврӯз раҳнамою раҳкушои тамаддуни мо дар раванди ҷаҳонишавӣ аст. Бинобар ин, моро мебояд, ки паёми ҳикматомӯзу навгароии онро даруни ҷону қалби хеш ҷой диҳем ва ҷавҳари аслии онро, ки покию покизакорӣ ва инсонгароист, чун гавҳараки чашм ҳифз намуда, ба насли оянда мерос гузорем.

Модарону хоҳарон ва дугонаҳои азиз итминон дорем, ки фазлу идроки шумо ин ҷашни хуҷаставу оламафрӯзро қудрату тавонои тозае мебахшаду меҳру садоқати шумо сояҳои роҳи зиндагиро барҳам мезанад. Таманно дорем, ки бо пайки баҳори гулбезу гулафшон ормонҳои шумо ҷомаи амал пӯшаду дар татбиқи нақшаҳои ҷадиду созанда дастболо бошед.

Хуҷаста бод айёми сабзишу рӯйиш ва асолати покию созандагӣ. Бигзор, таронаи меҳру ихлос бо гуфтору пиндору рафтори нек дар қалбу равонатон гулбезӣ кунад.

# ОЛИҲАИ ҲУСН

***Модар ягона мавҷудест, ки инсон меофарад, ба ӯ ҳаёт мебахшад, ӯро дар оғӯши гарму пурмеҳри худ мепарварад. Аввалин суханҳо ва гузоштани нахустин қадамҳоро ба тифлаш ёд медиҳад, фарзанди хешро бо ҳазор нияту орзуҳои нек ба воя мерасонад. Дар замири фарзанд тарбия кардани эҳсоси садоқату самимият, некию накукорӣ, хайру саховат ва ташаккули маънавии наслҳо натиҷаи заҳмати шабонарӯзии модарони мушфиқу ғамхор ва мунису меҳрубон мебошад.***



Воқеан, мо дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ наметавонем муҳаббатеро беҳтар ва ҳақиқиву самимитар аз муҳаббати модари худ дарёбем. Аз ин рӯ, модар на танҳо азизтарин шахс барои ҳар як фарзанд аст, балки гаронбаҳотарин сарвати ҳар як халқу миллат мебошад. Дар яке аз ривоятҳои куҳан омадааст, ки «Атр аз гул, нӯш аз шаҳд, шодобӣ аз баҳор, риққат аз абр, меҳр аз офтоб ва зиндагӣ аз замин бардошта, ҳамаро бо якдигар омехта, зан офаридаанд, то зудояндаи ғамҳо ва афзояндаи шодиву нишоти мардум бошад».

Модар аввалин мураббии башарият аст ва тарбияи инсон аз домони поки ӯ оғоз мешавад. Зан мураббии инсон аст, аммо на мураббӣ ва муаллиме, ки фақат сухан гӯяд, балки ҳамчун модар тамоми хислатҳои неки инсониро ба кӯдак ба таври табиӣ интиқол медиҳад. Рафтору ахлоқи модар дар сифати сирату сурати фарзанд таъсири бевосита мегузорад. Маҳз, модар дар қалби фарзандон тухми меҳру муҳаббат, дӯстиву рафоқат ва некиву накукориро мекорад, то оянда насли наврас масъулиятшиносу меҳнатқарин бошанд, ободкору инсондӯст ва ватанпарвар ба камол расанд. Бузургони гузаштаи адабу фарҳанги мо бо дарназардошти ин нуқтаи ниҳоят муҳим гуфтаанд, ки «Як модари хуб ба сад устод ва омӯзгор меарзад».

Бо назардошти ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози Истиқлол ба масъалаҳои марбут ба занон эътибори махсус дода, то имрӯз чандин санади меъёрии ҳуқуқии заруриро ба тасвиб расонидааст. Санадҳои қабулшуда ба таҳкими мақоми зан дар ҷомеа, таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои занон, кафолати давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалгардонии онҳо, вусъат додани имконияти иштироки фаъоли онҳо дар тамоми бахшҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ва Қонуни ҶТ “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардон ва занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ва дигар аз муҳимтарин санадҳое мебошанд, ки барои беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии занҳо дар ҷомеаи кишвар нақши бориз мебозанд. Ин санадҳо нишондиҳандаи дастгириҳои давлат дар самти ҳавасмандгардонии занҳо ва ҷалби васеи онҳо ба корҳои идоракунӣ мебошад, ки баъди қабули он имтиёзҳои муайян бахри васеъшавии фаъолнокии сиёсии занон амалӣ гашт.

Пешвои муаззами миллат иброз доштанд, ки “мову шумо на фақат дар як Рӯзи модар, яъне 8- уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарону духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем. Бовар дорам, ки модарону духтарони арҷманди мо минбаъд низ дар риояи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”, “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, ба ҳаёти мустақилона омода намудани фарзандон, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва беҳтар гардидани зиндагии ҳар як оилаи мамлакат нақши арзишманди худро мегузоранд”.

Занону модарони мо метавонанд дар ин раванд низ яке аз қувваҳои пешбарандаи ҷомеа бошанд. Онҳо инчунин метавонанд дар таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳифзи сулҳу суботи ва пешбурди сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши бузург бозанд.

**Шоиста Исматзода**,
*ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ*

# АНДЕШАҲОИ СОЗАНДАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

***Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва иқтисоди давлат мегардад.***



***Мавҷуда Хучова,***
*Ходими пешбари илмии*
*Маркази мероси хаттии АМИТ*

*Аз Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон*

Таҳкими ҷомеаи солиму мутараққӣ аз фарҳанги оиладорӣ маншаъ мегирад. Оила як рукни табиӣ ва асоси ҷамъият буда, нахустин мактаби тарбия ба шумор меравад.

Бунёди оилаи солим ба зан–модар вобастагии калон дорад. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба заковати азалӣ ва неруи созандаи занони фарзонаю оқилаи тоҷик такя менамояд. Сарвари давлат ҳамеша дар суханрониҳои худ қайд менамоянд, ки “Занону модарони мо бо дастони пурмеҳри худ ниҳоли ишқу муҳаббат, меҳру садоқат, саховату адолат ва илму маърифатро парвариш мекунанд ва қалби поки онҳо ҳамеша барои орому осуда ва пояндаву устувор нигоҳ доштани оила, ҷомеа ва давлат метапад”.

Ҳар қадар, ки фарзандони мо аз хурдсолӣ дар фазои ороми оила тарбия ёбанд ва аз тамоми моҳиятҳои тарбия бархурдор гарданд, ҳамон қадар онҳо соҳибақлу соҳибмаърифат шуда, дар ҷомеа мавқеи хешро пайдо мекунанд. Баръакс, агар фарзанди ноболиғ дар фазои нооромии оила ба воя расад ва аз моҳиятҳои тарбия бархурдор нагардад, ӯ ҳеҷ гоҳ дар ҷамъият мавқеъ пайдо карда наметавонад, ӯ роҳҳои оворагардӣ, нашъамандӣ, нашъаҷаллобӣ, дуздӣ ва қатлу кушторро барои худ интихоб мекунад ва метавонанд ба гурӯҳҳои экстримистиву террористӣ шомил гардад.

Яке аз сарчашмаҳои гаравидан ба равияҳои тундгаро ин коста будани сатҳи таълиму тарбия ва худшиносию худогоҳии миллии ҷавонон аст, ки аз зинаи мактабӣ, муҳити атроф ва бемасъулиятии волидайн дар таълиму тарбияи фарзандон оғоз мегардад. Гурӯҳҳои тафриқаандоз ҷавонони сатҳи дониш ва тарбияашон пастбударо ҳадафи мақсадҳои манфуронаи хеш намуда, миёни онҳо ихтилофҳои мазҳабӣ паҳн менамоянд, ки ин боиси нооромиҳои ҷомеа мегардад.

Имрӯз мо тавассути васоити ахбори омма ё шабакаҳои интернетӣ воқеаҳоеро шоҳид мешавем, ки агар ақли солим, зиракии сиёсӣ ва ҳисси ватандориву ватандӯстии комил надошта бошем, метавонем хатое дар ин роҳ содир намоем. Маҳз, ҷавонон бояд донанд, ки равия ва ҷараёнҳои тундгаро, экстремистӣ, террористӣ омили доғдор намудани дини мубини ислом ва рӯ ба харобӣ овардани миллат мешаванд.

Афроди соҳибдонишу бомаърифат ҳеҷ гоҳ ба миллату Ватан хиёнат накарда, баръакс бо унсурҳое, ки авзои дохилии кишварро ноором месозанд, роҳ намедиҳанд. Моро зарур аст, ки ҷомеаи худ, хосса ҷавононро аз равандҳои муосири гурӯҳҳои ифротгаро огоҳ намоем ва онҳоро аз вартаи гумроҳӣ наҷот диҳем, зеро ҷомеаи Тоҷикистонро ба ҷуз тоҷикистонӣ дигаре обод нахоҳад сохт.

Бояд қайд кард, ки соҳаи илм ва маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатдории мо ба шумор меравад ва маҳз, мо олимон ва омӯзгорон муваззаф ҳастем, ки ба кӯдакон ва наврасон аз зинаи аввал сар карда, таълиму тарбияро хуб ба роҳ монем, то тавониста бошем насли ҷавонро аз амалҳои номатлуб ҷилавгирӣ карда, онҳоро ба худшиносию хештаншиносӣ, меҳанпарастию аҷдодхоҳӣ ва рӯ овардан ба фарҳанги миллӣ даъват намоем.

Хушбахтона, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни кишварҳои абарқудрати форсизабон ягона кишварест, ки роҳи дунявиятро интихоб намудааст. Дунявият ба мо имкон медиҳад, ки дар рӯзгори хеш аз неъмати озодӣ баҳраманд бошем. Бинобар ин, моро зарур аст, ки аз фазои сулҳу осоиштагии кишварамон шукргузорӣ карда, дар атрофи Пешвои миллат муттаҳид шуда, барои ободиву шукуфоии кишварамон талош варзем.

# АНЪАНАВУ СУННАТҲОИ МАРДУМИИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

***Мардумони ориёӣ аз ҷумлаи қадимтарин ақвоми дорои фарҳангу тамаддуни рангоранг будаанд. Асолату рушди фарҳанги ин қавми куҳанбунёдро тавассути ҷашну маросимҳояш, ки қисман то ба рӯзгори мо расидаанд, ба осонӣ дарк намудан мумкин аст. Ҳар як миллат ҳувияти хешро тавассути фарҳангу адаб, забон ва расму анъанаҳояш ҳифз менамояд, то наслҳои баъдина, аз ҷумла, ҷавонон аз он огаҳӣ дошта бошанд ва арҷ гузоранд.***



Дар байни мардуми тоҷик Наврӯз ягона ҷашнест, ки новобаста аз вазъи сиёсиву иҷтимоӣ аз қадимулайём ба таври васеъ ва доманадор таҷлил мегардад. Дар бораи пайдоиш, шеваи баргузорӣ, расму ойин ва анъаноти марбути ин ҷашни аҷдодӣ адибону донишмандон зиёд навиштаанд. Оид ба шакл ва шеваи баргузории ҷашни Наврӯз дар замонҳои гуногун низ маълумотҳо фаровонанд. Аз сарчашмаҳои фаровони таърихӣ бармеояд, ки агар ҷашни Наврӯз бо таъсири бархе аз амалдорони сиёсӣ қисман ҷузъиётеро аз даст дода бошад ҳам, аз тарафи дигар аз тамаддуни дигар халқу миллатҳо чизи наверо ба худ илова намудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки пас аз соҳибистиқлолии кишвар ҷашни Наврӯз ба таври васеъ эҳё гардида, ҳамасола зина ба зина шакл ва баргузории он васеътар гардида истодааст. Махсусан, пас аз ҷаҳонишавии он мақому манзилаташ на танҳо дар байни мардуми тоҷик, балки дар миёни дигар халқиятҳо низ афзудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлили ҷашни Наврӯз аз як моҳ бештар аст. Вобаста ба шароити иқлимӣ баҳор дар кишвари мо дар вақтҳои гуногун фаро мерасад ва ҳар як навоҳӣ, алалхусус, ноҳияҳои кӯҳӣ вобаста ба имконияти боду ҳаво онро ба таври худ таҷлил менамоянд. Агарчанде дар шакли баргузории ҷашни оммавии Наврӯз якрангӣ ва ё қолабҳои сохта яксон баргузор гарданд ҳам, то кунун дар манотиқи кишвари мо урфу одат ва анъанаҳои зиёде зимни баргузории ҷашни наврӯз мавҷуданд, ки ба таври рамзӣ ва бо ниятҳои махсус иҷро мегарданд. Аммо аз ҷониби муҳаққиқон ба онҳо таваҷҷуҳе нашудааст. Шояд баъзе аз чунин анъанаҳо дар мақолаҳои муҳаққиқон номбар шудаанд, аммо ҷанбаҳои илмию фарҳангии онҳо таҳлил нашудаанд.

Аз ин рӯ, ин навбат дар бораи чанд анъанаи ҷашни Наврӯз, ки зимни экспедитсияҳо аз байни куҳансолони минтақаҳои кишвар дар бораашон маълумот гирдоварӣ намудаем, ҳарф мезанем.

### ОШТИКУНОНӢ

Чӣ тавре ки медонем, дар бораи анъанаи оштикунонӣ ба таври умумӣ маълумот оварда шудааст. Аммо зимни сафар ба минтақаи Рашт ва ноҳияи Дарвоз замони иҷро ва тарзи ташкил кардани ин анъанаи ҷолиб бароямон андешаи нав буд. Чунончи, тибқи маълумоти сокини деҳаи Зинги Ҷамоати деҳоти Қалъаи Хумб Солеҳов Дод соли таваллудаш 1924 ин анъана то қарибии солҳои 70-80-уми асри гузашта дар ин минтақа ба таври ҳатмӣ иҷро мешудааст. Шакли баргузориаш чунин будааст: "Баъди иҷрои чоршанбеи охирон, бегоҳии рӯзи панҷшанбе дар масҷид куҳансолони деҳа ҷамъ мешуданд. Оқсақол ё раиси маҳалла дар ҳар гузар намояндашро дошт. Баъди хӯрокхурӣ ҳамаашонро мепурсид, ки дар гузаратун ҳама тинҷист? Кадоме қаҳриву носоз бошанд то пагоҳ маълум карда биоед. Ҳамаро пурсон шавед. Ягон кас пинҳон накунад. Рӯзи дигар шахсони ҷангшудаву қаҳрӣ аниқ карда мешуданд ва ба раиси маҳалла маълумот медоданд. Як бегоҳӣ пеш аз Наврӯз дар масҷид ош ташкил мекарданд ва ҳамаи мардони деҳа даъват мешуданд. Иштироки ҳамашон ҳатмӣ буд. Касе намеомад боз барои оварданаш одам равон мекарданд. Баъди хӯрдани ош раиси деҳа ҳамроҳи домуллои деҳа ҳамаи одамони қаҳриро аз ҷояшон мехезонданд ва амр мекарданд, ки оштӣ шаванду аз гуноҳи якдигараш гузаранд. Касе розӣ намешуд сарзанишаш мекарданд. Ҳатто, ба хотири баракати деҳа одамоне, ки кинаву кудрати сахт доштанд, аз деҳа бадарға мекарданд".



Тибқи нақли ҳамин гӯянда, агар дар деҳа қаҳрҳо набошанд, ҳам анъанаи оштикунонӣ ё оши оштӣ ҳатман ташкил мешудааст. Агар дар тули як сол касе бо касе ҷангу қаҳрӣ нашуда бошанд, мегуфтанд, ки баракати сол аст ва имсол ҳам баракату фаровонӣ дар деҳа зиёд мешавад. Ҳатто, занҳои қаҳришуда дар ин нишаст тавассути намояндагони калонҳои деҳа муайян мешуданд. Ба хонаи занҳои қаҳришуда ош мефиристоданд ва намоянда рафта, муайян мекард, ки онҳо бо ҳам оштӣ кунонида шудаанд ё не. Агар сол бебориш ва ё бориши аз ҳад зиёд шуда ба кишт ва боғҳои мардум хисорот меовард, натиҷаашро аз амали шахсони қаҳрӣ ва нопокии онҳо медиданд ва дар маъракаҳо онҳоро сарзаниш мекарданд. Шабеҳи ҳамин анъанаро аз деҳаи Чилдараи ноҳияи Сангвор низ шунида будем.

## АСРОРИ СУМАНАКПАЗӢ

Дар бораи тарзи таҳияи ҳалвои суманак маълумотҳо фаровонанд. Аммо дар бораи баъзе нозукиҳои рамзии он маълумот дастрас намудаем. Масалан дар қисми зиёди ноҳияҳои кишвар ҳангоми пухтани ҳалвои суманак ба дохили дег 7 адад сангча мепартоянд ва дар баъзе ҷойи дигар 7 донаи чормағз.



Чунин мепиндоштанд, ки агар ба кафгири кадом духтаре чормағз омад, дар Соли нав шавҳардор мешавад. Духтаракон чормағзро бо худ давоми сол нигоҳ медоранд. Дар сурати шавҳардор шудан чормағзро ба дугонаи наздикаш ва ё хоҳараш бо нияти нек тақдим мекунад. Агар шавҳар накард, чормағзро дар Наврӯзи дигар шикаста ба об мепартояд. Гӯё бахташро бастаанд ва бо ин амал бахташ кушода мешавад.

## АРУСГАРДОНӢ

Анъанаест, ки намунаҳои он дар тамоми минтақаҳо мушоҳида мешавад. Тибқи иттилои бонувони водии Рашт дар гузашта занон се рӯз қабл аз Наврӯз дар теппачае ҷамъ омада, аз хонаҳо дегу тагдегӣ, ҳезум ва анвои хӯрданӣ бо худ мебурданд. Дар ин идгоҳ таоми маъмулии гандумкӯча мепӯхтанд. Маҳсулот тарики дастҷамъона аз хонаҳо бо амри зани соҳибмартаба ҷамъоварӣ мешуд. Гандумчӯш ба тамоми хонаҳои аҳли деҳа тақсим мешуд. Дар охир духтари бенуқсеро арус намуда, зери фаранҷӣ ва савори маркаб мекарданд. Ва занон онро дар ба дари хонаҳо ҳамчун рамзи зебоӣ ва фаровонӣ мегардонанд. Аз рӯйи ақидаҳо духтар бояд давоми умраш бемор нашуда бошад. Ва онро ҳамчун рамзи Баракат ба хонаҳо ҳатман ба ҳар як хонаи деҳа мебурданд.

Дар деҳаи Ҷавонии шаҳри Роғун ҳам шабеҳи ҳамин анъанаро ба мо нақл карданд. Фарқ дар он аст, ки арусро дар ин минтақа на бо хар, балки пойи пиёда ба хонаҳо мебурдаанд. Дар ноҳияҳои Хуросон ва Абдураҳмони Ҷомӣ бошад, арусро болои ароба шинонда сурудхонон ба хонаҳо мебурдаанд. Тибқи ақидаҳои мардумӣ баробар бо қадами арус фаровонӣ ба он хонадон медаромадааст.

Акнун ба маросимҳои монанди он назар мекунем, ки шояд байни ҳам ягон пайвастагие дошта бошанд. Тибқи нақлҳои мардумӣ сокинони водиҳои Ҳисору Зарафшон ҷашни арусиро маҳз, дар арафаи ҷашни Наврӯз доир мекардаанд. Гӯё ин амали савоб буда, оила барои оянда солим ва серфарзанд мешуда бошад. Далели ҷолиб он аст, ки дар арафаи Наврӯз аруси ба тозагӣ хонадоршударо хона ба хона мегардонанд.

Дар шаҳри Истаравшан иди арусгардак дар ҷашни Наврӯз мавҷуд будааст. Дар рӯзи Наврӯз духтаракон ба хонаҳои аруси нав издивоҷшуда ба арусбинӣ мерафтанд. Онҳо умед мекарданд, ки дар Соли нав онҳо ҳам соҳиби бахт гардида арус шаванд.

Дар ноҳияи Деваштич, махсусан деҳаи Ғазантарак иди арусон ё “теппача” мавҷуд аст, ки дар аввали баҳор ва қабл аз ҷашни Наврӯз доир мегардад. Иди арусон як навъ маросими ҷолиби занонаест, ки танҳо дар ноҳияи Деваштич боқӣ мондааст. Аз рӯйи нақли куҳансолон, ин ҷашн таърихи беш аз садсолаҳоро доро буда, солҳои пеш танҳо дар деҳаи Ғазантараки ноҳия баргузор мегардидааст. Баъдтар, баъзе деҳаҳои атрофи Ғазантарак низ онро қабул намуда, созмон медодаанд. Инчунин баъд аз соҳибистиқлол гардидани кишвар бо ташаббуси ҳукумати ноҳия иди арусонро мардуми деҳаи Ғазантарак дар маркази ноҳия низ чанд маротиба намоиш додаанд.

Шакл ва мушаххасоти ин маросим, ё ҷашн чунин аст: «Дар ин рӯз тамоми арусони деҳа либоси арусӣ ба бар намуда, ҳамроҳи модару хушдоманҳо ба мавзеи

муайян, теппачаи махсуси болои деҳа ҷамъ мешаванд. Теппаи мазкур дар мавзеи офтобӣ ҷойгир шудааст ва аз он ҷо қариб тамоми шаҳраки Деваштич намоён мебошад. Он маҳз, дар ҳамин рӯзҳо аз барф озод шуда, сабзу хуррам мешавад. Аз ин рӯ, ин идро миёни мардуми деҳаи Ғазантарак «Иди теппача» низ мегӯянд. Арусон дар ин ҷо мавзеи муайянеро барои худ интихоб намуда, бо лавозимоти гуногуни зебои арусӣ оро медиҳанд. Барои арусон мизҳои алоҳида ҷудо карда мешавад. Онҳо болои мизро ба ҳунари дасти худ оро медиҳанд. Яъне дар ин ид ба ҳунари кадбонуӣ ва пухтупази арусон низ баҳо гузошта мешавад. Солҳои пештар домодҳо низ дар паҳлуи арусон сари мизи орододашуда меистоданд. Ҳоло ҳузури домодҳо дар ин маросим аз байн рафтааст.

Ҳамин тариқ, тамоми занону духтарони дигар ба тамошои арусон меоянд. Дар базмгоҳ аз ҷониби хушдоманҳо саломномахонӣ мешавад. Арусон аз рӯйи анъана оҳиста-оҳиста таъзим мекунанд. Дар ин ид тамоми арусоне, ки як соли охир – аз баҳори соли гузашта то баҳори нав издивоҷ намудаанд, иштирок менамоянд. Дар охир рақсу сурудхонӣ ва дилхушӣ барпо мешавад. Солҳои охир барои ҷолибтар гардидани маросим миёни арусон озмунҳои гуногун, аз қабили омода кардани таому хӯришҳо, усули ба гаҳвора бастани тифл, ороиши мӯй ва амсоли инҳо ташкил намудаанд. Ба табрикот ва баҳогузории арусон дар ин рӯз намояндагони ҳукумати ноҳия низ меоянд.

Феълан, аввал анъанаи хонагаштак дар дохили хонаҳо иҷро мегардад. Арусон субҳи барвақт худашонро зебо намуда, хонаҳои арусиашонро низ оро медиҳанд ва дастурхони идона ороста, самбӯса, тушбераи бирён мепазанд. Духтарон гурӯҳ-гурӯҳ барои арусбинӣ меоянд. Арус онҳоро "хуш омадед"– гуфта, ба назди онҳо самбӯсаву тушбера оварда, ба онҳо бо услуби махсус чой мекашад. Духтаракон ба ҳунари кадбонуӣ ва инчунин, хонаи ороиши арусии ӯ баҳо медиҳанд, инчунин, барои ҳаёти минбаъдаи худ таҷриба мегиранд. Баъдан, дар соати муайян арусон ҳамроҳи модару хушдоманҳояшон ба базмгоҳ мераванд. Ба ҷо овардани ин маросим ба хотири зебоӣ ва фаровонии сол мебошад. Дар Исфара дар гузашта духтари соҳибҷамолеро чун Аруси наврӯзӣ интихоб менамуданд. Чуноне мебинем, ба шакли рамзӣ ин маросим қариб дар саросари кишвар роиҷ буда, то ба ин рӯз боқӣ мондааст.

## ШИРБИРИНҶИ ПАНОҲАК

Дар ноҳияи Дарвоз субҳи барвақти Наврӯз таоми ширбиринҷ пухта, ягон одами ҷолоки хона ширбиринҷро ҳамчун рамзи сафедию покизагӣ ба дари хонаи наздиктарин хешовандон бурда, пинҳонӣ мемонданд. Бояд, ки шахси бурдагарро ягон инсон намедид. Ин гӯиё неъматест, ки Худованд ба онҳо ато карда бошад. Дар ноҳияи Ванҷ ва водии Рашт ҳам ин анъана роиҷ будааст.

Ба таври хулоса, гуфтан мумкин аст, ки мисли анъанаву маросимҳои шарҳёфта, даҳҳо маросиму боварҳои рамзии дигаре дар манотиқи кишвар мавҷуданд, ки аз назари муҳаққиқон дур мондаанд, ки дар дохили онҳо



рамз ва орзуву ниятҳои неки аҷдодонамон ҷой дода шудаанд. Аз ин рӯ, пажӯҳиш ва таҳлили ҳар кадоми онҳо аз ҷониби олимон баҳри эҳё намудани анъанаҳои ниёгонамон амри саривақтист.

**Абдулфаттоҳ Аминов,**
*директори Пажӯҳишгоҳи*
*илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот*



**ГУЛРУХСОР**

## ШОДИЁНА

Баҳор мерасад!
Ҳазору як тарона аз дили умедвор мерасад,
Фариштаи савобофари гуноҳ бовиқор мерасад,
Нигоҳи ошиқона беқарор медамад,
Шарора аз нигоҳи барқвор мерасад,
Ҳумои хулди хокиён,
Сафедбол пар кашад ба сӯйи нуриён,
Малак, зи мазраи фалак ситоракор мерасад…
Баҳор мерасад!..
Чӣ осиёна табли шӯр мезанад
Раъди растахез масту бовиқор,
Чӣ бориқона медамад ҷилои ишқ
Дар ҷамоли наваруси навбаҳор,
Чӣ суфиёна чарх мезанад насими мушкбор,
Чӣ дилбарона рақси ноз мекунанд
кокулони обшор…
Чу савти ҷони тармаоб
Дар гудози пардаҳои обшор гиряхандае
набуду нест,
Ба сони рақси кокулони бед
Бо ҳавои тори рӯдбор
Ҷилвае базеб несту набуд,
Чӣ шодтар аз ин тарона метавон шунид,
Чӣ хубтар аз ин чакома метавон суруд?!
Баҳор мерасад, баҳор мерасад!..

**ФАРЗОНА**

## МАНУ САБЗИНАБАҲОР

Ин субҳидам самандари заррини офтоб
Пар боз кардаву ба лаби бом омада.
Як мурғаки биҳишт ба ҳавлии сабзи мо
Баҳри зиёрати гули бодом омада.
Эй мурғаки биҳишт, ки минқор мезанӣ
Бар чеҳраи шукуфтаи гулҳои нуқрагун.
Аз бӯсаи ту гул зи сари шоха мепарад
Бар коми бодҳои сабуксайру раҳнамун.
Минқорҳо занад ба дили ғарқи хоби ман
Ин гуна мурғи ишқи касе шояд ин баҳор.
Аз захми сина балки бурун резад он замон
Мавҷи таронаҳои пур аз лаҳни обшор.
Шояд маро ба шохаи бодоми гулнисор
Пайванд карда моми табиат чу боғбон.
Шояд манам, ки дар дили худ сабз кардаам
Баҳри ҳама баҳоргаҳи сабзу ҷовидон!
Инак, баҳор, ҳар нафасамро раҳо кунам
Чун гулварақ ба домани сабзи сабои ту.
То атри ту кунад нафаси пурбаҳори ман,
То атри ман кунад нафаси барҳавои ту…



**Раънои МУБОРИЗ**

## НУҲУФТАҲО ВА ШУКУФТАҲО

*(Рубоиёти наврӯзӣ)*

Наврӯзи муқаддас аст андар деҳи ман
Як фурсати хуби хостгорӣ кардан.
Ин рӯз на рӯзи «не», фақат рӯзи «ҳо»-ст,
Ҳар чӣ талабӣ, ҳамон диҳандат ҳатман.

***

Наврӯз, ба фикри ман, ки ёре дорад,
Дар кишвари сабзи мо нигоре дорад.
Хуршед кушодааст кошонаи ҳусн,
Наврӯз дар он, бибин, чӣ коре дорад.

***

Зебоии бенамуна дорӣ, Наврӯз,
Ин ҳусни расо чӣ гуна дорӣ, Наврӯз?
Аммо ҳусне, ки духтари ман дорад,
То ҳол ту мисли ӯ надорӣ, Наврӯз!

***

**Нуқраи СУННАТНИЁ**

## АРЗОНӢ

Даф бизан, о, даф бизан, лахте дилафшонӣ кунем,
Бо навои тору даф рақси бадахшонӣ кунем.
Пой кӯбем аз фарози қуллае бар қуллае,
Дар ҳавои сози Хосият зарафшонӣ кунем.
Зуҳраро хонем андар маҳфили истораҳо
Саҳнаи Маҳтобро саҳни ғазалхонӣ кунем.
Аз дари майхонаи Пири муғон сар баркашем,
Олами ҳушёрро масти сарафшонӣ кунем.
Ишқ қурбонист аз оғози будан, эй Худо,
Дил ниҳем андар кафи мастеву қурбонӣ кунем.
Меҳр колои гароннарх аст дар бозори вақт,
Чарх дар дунё занем, эълони арзонӣ кунем.

**ГУЛНОЗ**

## ОИНАИ БАҲОР

Баҳор, оинаи руъёнамоям,
Ба ранги сабз кардӣ ошноям.
Бад аст ин зиндагӣ ё нек, фарқе
Надорад, гар ту бошӣ ҳамсадоям.
Тамоми сояҳо дар зери барфанд,
Куҷоӣ, офтоби раҳкушоям?
Биё, то ҳайрати мо зинда гардад,
Аё эъҷозкори дерпоям.
Сафар дар хештан кардам зимистон,
Дилам гарм аст, гарми иктифоям.
Туй аз орзуҳо орзутар,
Ки ширин кардӣ аз ғамҳо раҳоям.
Баҳор, андешаам рукни ҳамӯшист,
Ҷаҳон чархид гирди муддаоям.
Маро ҳамроҳ бар ҳар ҷо, ки рафтӣ,
Ки пайванди ту меорад сафоям.
Мапиндорӣ ҷавонӣ рафт аз ман,
Зимистон об шуд дар зери поям.

# ҲАФТСИН ЧӢ ДАВО ДОРАД?




## СИПАНД.

Абуали ибни Сино фармудааст, ки молидан ва гузаштани сипанд, барои дарди рону камар, ниқрис (подагра) ва илтиҳоби асаби сурин фоиданок мебошад.

Муҳаммад Ҳусайни Шерозӣ дар «Маҳзану-л-адвия» овардааст, ки сипанд қафаси синаву сипурзро пок сохта, боди шикаму рӯдаҳоро рафъ месозад. Шири модаронро афзун мекунад. Барои муолиҷаи бемории саръ фалаҷ, фаромӯшхотирӣ, обхӯра, зардпарвин, кулинҷ ва илтиҳоби асаби сурин фоидабахш аст. Дар тибби мардумӣ дамкарда ва обҷӯши баргу пояи он ба узвҳои ҳозима, ҳаммоми он ҳангоми дарди рон, асаби сурин, тарбод, хоришак, бемориҳои пӯст, рехтани мӯйи сар нафъ дорад.



## САНҶИД

Дар таркиби санҷид глюкоза, фруктоза, сахароза, пектин, витамини С, маводди даббоғӣ ва ғайра мавҷуд аст. Вай ҳангоми бемориҳои талхадон ба ноустувории банди пешоб, захми обгаҳ, сустии бадан ва пешоби хунин фоида дорад. Дар тибби мардуми Русия меваи санҷидро ҳангоми илтиҳоби меъдаю рӯда, бавосир, зардпарвин, ҳамчун бодшикан, зиддиилтиҳобӣ, пешоброн, фарогиранда ва балғамрон истифода мебаранд.



## СУМАНАК

Дар оғози фасли баҳор вақте, ки ғизонокии маҳсулоти тирамоҳи ҷамъоваришуда кам шудан мегирад, суманак беҳтарин ғизо аст. Истеъмоли суманак бисёр



фоиданок буда, баданро солим мегардонад. Аммо дар хӯрдани суманак меъёрро риоя бояд кард. Ҳангоми бо шиками сер хӯрдани он боиси зардаҷӯшӣ мешавад.

## СИР

Агар сирро ба миҷоз, фаслҳои сол ва миқдори эътидол риоя карда бихӯранд, саломатии баданро нигоҳ медорад, зарари обҳои гуногун ва ҳавои вабоиро дафъ мекунад. Истеъмоли бомеъёри сир дамкӯтаҳӣ, зиққи нафас, фаромӯшхотирӣ, фалаҷ, каҷ шудани рӯй, бемориҳои асабонӣ, дарди буғумҳо, иркуннасо (радикулит) ниқрис (подагра), дарди сурин ва монанди инҳоро шифо мебахшад. Сир барои табҳои куҳна, захмҳои шуш ва дарди меъда даво буда, ташнагиеро, ки сабабаш бисёрии балғам бошад, рафъ мегардонад.



## СУНБУЛ

Агар сунбулро дар об ҷӯшонида, онро бинӯшанд, ба иллатҳои узвҳои даруни сина ва шуш, дамкӯтаҳӣ, зиққи нафас ва зардпарвин даво мешавад, ҳайз ва пешобро ҷорӣ мекунад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда мерезонад, зиёни саги девона газидаро рафъ месозад. Сунбулро кӯфта, гузошта банданд, дарди сареро, ки аз бисёр ҷамъ шудани моддаҳои сардмиҷоз ба амал омада бошад, шифо мебахшад.

Аз ин гуфтаҳо метавон чунин хулоса намуд, ки баъди се моҳи зимистон, чун бадани мо ба витаминҳо сахт ниёз дорад, истеъмоли ин ҳама ғизою рустаниҳои шифобахш, ки зеби дастурхони ҳафтсин аст, хеле муфид ва шифобахш мебошад.

## СЕБ

Хӯрдани себ барои дилзанак ва душвории нафас давост. Истеъмоли себ дил, майна ва ҷигарро қавӣ мегардонад. Инчунин, бӯйданаш ҳам фишори хунро паст мекунад. Бояд одамони гармиҷоз себи турш ва майхуши онро бихӯранд ва сардмиҷозон ширинашонро тановул намоянд.



## СИРКО

Агар сиркоро ба танҳоӣ бибӯянд, бастагии сари биниро мекӯшояд, назлаи гармро мебандад. Дарди сари гармро таскин медиҳад ва майнаи гармиҷозонро қувват мебахшад. Чун бо равғани бодоми ширин ва ё равғани гули сурх, гулоб ва оби бодиринг даромехта,



бибӯянд, дарди сари гармро таскин медиҳад, варами майна ва пардаҳои онро таҳлил дода, ҳазён гуфтанро барҳам медиҳад. Сиркоро бо асал даромехта, бимоланд, кабудии зери чашмро дур мекунад.

**Нилуфар Раҳмонова**

# ДАЪВАТ БА ИТТИҲОДУ ҲАМДИЛӢ



***Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат, ки 9 марти соли равон дар "Кохи Ваҳдат"-и шаҳри Душанбе баргузор шуд ва тариқи ВАО ба самъи тамоми сокинони кишвар расид, дар саросари ҷумҳурӣ аз ҷониби қишрҳои гуногуни аҳолӣ, хусусан аҳли зиё ва дин бо таваҷҷуҳу самимият ва бовариву садоқат пазирой гардид.***

Дар ин мулоқот ҳамаи паҳлуҳои маънавиву фарҳангӣ, диниву ахлоқӣ ва мадании мамлакат баррасӣ гардида, мушкилоти ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳо ба таври кушод баён гардид.

Зимни суханронии хеш сарвари давлат аз арзиши олии давлатӣ ва миллӣ будани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдоварӣ намуда, таъкид доштанд, ки маҳз Истиқлоли давлатӣ ба мо, тоҷикон шароит фароҳам оварd, то ба асли худ баргардем. Маҳз ба шарофати мустақилии сиёсӣ, нoвобастагӣ аз мамлакатҳои хориҷӣ ва ташаккул додани низоми куллан миллии давлатдорӣ имрӯз Тоҷикистон ба мамлакате табдил ёфтааст, ки дар он арзишҳои динӣ бо эҳтиром аз ҷониби ҳамаи қишрҳои аҳолӣ пазируфта шуда, барои таъмини баробарии иҷтимоӣ дар парастиши дину мазҳабҳо озодии куллӣ дода шудааст.

Вале Пешвои миллат аз он изҳори нигаронӣ кар-данд, ки то ба ҳол сатҳи маърифатнокии динии аҳолӣ ба талабот ҷавобгӯ нест. Ҳарчанд давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти он ки 99 дарсади аҳолии кишварро пайравони дини мубини ислом ташкил медиҳанд, ҳамаи шароитҳоро фароҳам овардааст, бахусус бо мақсади беҳтар гардонидани саводнокии динӣ, махсусан омӯзиши арзишҳои дини мубини ислом дар даврони истиқол чораҳои зиёде амалӣ шуданд.

Аз ҷумла:

-Дар замони Шӯравӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 34 масҷид фаъолият дошт. Бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар ва таъминии озодиҳои динӣ имрӯз дар Тоҷикистон 4 ҳазор масҷид, Донишкадаи исломӣ, ниҳодҳои диншиносии илмӣ фаъолият доранд;

-Дар кишвари мо беш аз 250 ҳазор нафар ҳоҷиён, бештар аз 400 ҳазор умракардагон ва ҳазорҳо нафар ходимони дин зиндагӣ ва кору фаъолият доранд;

-Дар солҳои соҳибистиқлолӣ 1310-солагии асосгузори мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ, фарзанди фарзонаи миллати тоҷик – Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит, ки бо номи Имоми Аъзам машҳур аст, бо иштироки олимону донишмандони машҳури ҷаҳони ислом ва шахсиятҳои маъруф аз 55 давлати дунё таҷлил шуд;

-Китоби муқаддаси дини ислом Қуръони карим (се маротиба) бо ташаббуси бевоситаи роҳбари давлат ба забони тоҷикӣ тарҷума ва ба аҳолӣ дастрас гардид.

Ҳамаи ин далели он аст, ки давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диндорон озодии комил ва шароити мусоид фароҳам овардааст. Вале бо вуҷуди ин, дар байни аҳолии мамлакат хурофотпарастӣ, пайравӣ ба расму оинҳои барои мардуми тоҷик бегона, дур шудан аз либоспӯшии миллӣ ва коста гардидани ахлоқи ҷамъиятӣ дар ҳоли афзоиш аст. Мутаассифона, ҳанӯз ҳам ҷавонони тоҷик ба гирдоби ифротгароён ва гурӯҳҳои тундгаро меафтанд.

Ҷаҳолат, хурофотпарастӣ, пайравӣ ба арзишҳои барои фарҳанги мо бегона, иҷрои расму русум ва оинҳое, ки на дар фарҳанги тоҷикӣ ва на дар фарҳанги исломӣ мавҷуд ҳастанд, мардуми моро ба пайроҳаи танг ворид намудааст. Ноогоҳӣ аз фаҳмиши дурусти арзишҳои динӣ аст, ки давоми солҳои охир барои адои баъзе расму оинҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» манъгардида ва дигар урфу одатҳое, ки иҷрояшон дар дин ба фарз дохил намешаванд, мардум хароҷоти зиёд менамоянд. Сарвари давлат ин нуктаро борҳо такрор намуда, бамаврид таъкид намудаанд: «Ҳар қавму миллате, ки дар рафтори он нишонаҳои ҷаҳолату хурофотпарастӣ густариш меёбанд, он миллат аз зиндагии босаодат маҳрум мегардад».

Президенти кишвар ба ин нукоти муҳим ва хатарноки ҷомеаи мо ишора карда, таъкид намуданд, ки меъёрҳои ҳамзистии ҷаҳони навин бар пояи тараққиёти илмиву техникӣ бино гардидааст. Ба таъкиди Пешвои миллат танҳо илму дониш метавонад миллатро аз банди хурофот эмин нигоҳ дорад. Бинобар ин, ҳар яки моро зарур аст, ки дар атрофи андешаҳои созанда, бунёдкорона, сулҳдӯстона, фарҳангпарварона ва хирадмандонаи Пешвои миллат муттаҳид шуда, барои пойдории амнияту осоиши кишварамон талош намоем. Нагузорем, ки ақоиди зарарноки гурӯҳҳои манфиатхоҳ ба таҳкими истиқлол ва амнияти кишвари мо зиён расонанд.

**«Фирӯза»**

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ МАТБУОТИ ТОҶИК

***11 март дар "Кохи суруш"-и шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи матбуоти тоҷик ва 112-солагии нашри нахустрӯзномаи тоҷикӣ – "Бухорои шариф" ҳамоиши тантанавӣ баргузор шуд.***



Ҳамоиши мазкурро Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Сатториён Матлубахон Амонзода ҳусни оғоз бахшида, доир ба нақши матбуот дар ҷомеа ибрози назар кард.

"Боиси хушҳолию сарафрозии ҳар фарди ватандӯст аст, ки мо имрӯз дар даврони Истиқлол ба шарофати сиёсати созандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳиби матбуоти миллии хеш ҳастем, ки аз ду бахши алоҳида – матбуоти давлатӣ ва матбуоти мустақил иборат аст. Рисолати матбуоти миллии мо имрӯз ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ ва хидмати софдилона ба ҷомеа аст" – таъкид кард, Матлубахон Сатториён.

Дар идомаи ҳамоиш Вазири фарҳанги Тоҷикистон ба собиқадорони матбуот тӯҳфаҳои пулӣ, ба журналистони фаъоли кишвар унвонҳои "Аълочии матбуоти Тоҷикистон" ва "Аълочии фарҳанги Тоҷикистон" ва ба нашриёҳои даврӣ барои фаъолияташон дар таҳкими истиқлоли давлатӣ сипоснома ҳо тақдим намуд.

Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зиннатулло Исмоилзода ҳам дар суханронии хеш доир ба вазъи кунунии матбуоти тоҷик ибрози назар кард. Ӯ дар идома барандагони Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутиро эълон намуд.

Соли равон ин ҷоиза дар бахши матбуот насиби Камоли Қурбониён, Мавҷуда Ҳасанова, Умари Шерхон ва Амир Саидзодаи Мункӣ гардид. Дар бахши телевизион бошад, Ёрмаҳмад Самадов, Барно Соҳибова, Шарифзода Маҳмадалӣ Сафар сазовори ҷоиза шуданд. Зафар Аскар дар бахши таҳқиқ, Абдураҳмон Раҳмонов дар бахши сомонаҳои хабарӣ ва Зиёратшоҳ Аҳмадов дар бахши радио сазовори Ҷоизаи ба номи А. Лоҳутӣ гардиданд.

Чорабиниро ҳунарнамоии сарояндагони шинохтаи кишвар ва намоиши китобҳои тозанашр шукӯҳи хоса бахшид.

Рӯзи матбуоти тоҷик яке аз падидаҳои даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба ҳисоб рафта, сомонаҳои иттилоотӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таблиғотӣ дар муаррифии давлат ва милати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ нақши муҳим мегузоранд.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд: «Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар шароити ниҳоят ҳассос ва ноорому пуртаҳаввули ҷаҳони имрӯза ва афзоиши таҳдиду хатарҳои муосир ба истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ ва амнияти ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар босабру таҳаммул ва муттаҳиду сарҷамъ бошем, тамоми саъйу талошамонро ба хотири ҳимояи арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат, ободии Ватани азизамон ва рушди давлати соҳибихтиёрамон равона созем».

Рӯзи матбуоти тоҷик аз соли 1994 ба ин ҷониб санаи 11 март таҷлил карда мешавад. Маҳз, дар ҳамин рӯзи соли 1912, дар шаҳри Бухоро бо талоши фарзандони бедору огоҳи миллат нахустнашрияи тоҷикӣ – "Бухорои Шариф" арзи ҳастӣ намуд. Гарчанде рӯзнома баъди нашри 153 шумора аз ҷониби Амири Бухоро баста шуд, вале он дар сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳилаи ҷадид гардид.

**«Фирӯза»**



# ФАРИШТАИ ЗАМИНӢ



*Модар маро бубахш, ки ҳангоми кӯдакӣ,*
*Ранҷу тааб ба хотири ман беш дидаӣ,*
*Шабҳои бас дароз нахуфтӣ ба хотирам*
*Заҳри ятимпарварии ман чашидаӣ...*

Ин садоҳо аз дур ба қалби Фарангиси меҳри падар надида нохун мезад. Хотираҳо рӯшан мегардид, дарёҳо убур, фарсаххо паси сар мешуданд, то ёди падар пеши назар меомад. Ҳанӯз ҳафт сол дошт, ки падарро аз даст дод. Танҳо модар буд, қуввату мадор, болу пар, фариштааш дар замин...

Модари ӯ – Зарипова Сарварбӣ 25-уми марти соли 1963 дар ноҳияи Фархор ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби №8-и ноҳия дар факултети педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб таҳсил мекунад. Фаъолияти омӯзгории худро соли 1997 дар МТМУ №50-и шаҳри Душанбе оғоз намуда, то соли 2019, яъне то расидан ба синни нафақа, ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ дарс мегуфт.

Апаи Сарварбӣ чор фарзанд - Фазлиддину Фарангис ва Парвизу Алишерро танҳо ба воя расонид. Падари фарзандон барвақт тарки олам гуфт...

Гӯё дирӯз буд, ки онҳо оила барпо намуда буданд. Шавҳараш Саниев Қурбон низ омӯзгор буд. Ӯ баъди хатми факултети забон ва адабиёти Донишгоҳи Кӯлоб аз соли 1985 то соли 1990 дар мактаби №1-и шаҳри Кӯлоб омӯзгор буд. Соли 1996 ҳангоме, ки вазъи кишвар ноором буд, дар Тавилдара аз тири мухолифин ба ҳалокат мерасад. Он ҳангом Фазлиддин нуҳсола, Фарангис ҳафтсола, Парвиз панҷсола ва Алишер якунимсола буданд...

Пас аз фавти шавҳар апаи Сарварбӣ хеле азоб кашид. Боғеро, ки аз сабзидан мемонд, об дод, кишт кард. Аз боду барфу борон наметарсид. Балки мубориз буд бо шуҷоату далерии мардона. Чор ниҳоли умри ӯ имрӯз самара дод. Онҳо бепадарии худро ҳис намекарданд, чунки пуштибону муҳофизи хеш -модар доштанд. Фазлиддин хатмкардаи Донишгоҳи давлатии тиҷорат, Парвиз хатмкунандаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи Муҳаммад Осимӣ ва Фарангис хатмкардаи факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи омӯзгорӣ мебошанд. Онҳо оилаи обод ва соҳиби фарзандони солиму дустрӯяк ҳастанд. Имрӯз апаи Сарварбӣ соҳиби дувоздаҳ набера аст, ки Азизаю Омина, Мадинаю Аюбҷон, Наврӯзу Довуд, Фариду София, Маряму Билол, Фотимаву Абубакр барояш мағзи донаанд.

Вақте аз ҷавонӣ ҳарф мезанем, дар чашмони апаи Сарварбӣ ашк пайдо мешавад. Ин ашк аз ҳаёти гузаштаи хеш аст, ки бисту ҳашт баҳор аз гулу себарга пойандози сабз меорояд, гӯё ки ҳамсафари ҳаёташ аз дар меомада бошад.

Ба ғайр аз меҳру ишқу муҳаббати дар қалбаш ниҳон либоси ҳарбии шавҳарашро дар либосовезак нигоҳ медорад. Маблағеро, ки ба даст меорад дар ҷайби он мемонд. Ҳар гоҳе ки ба фарзандон маблағ лозим шавад, “рафта, аз кисаи падаратон гиред”, –гуфта, ёди ӯро зиндаю ҷовид медорад...

Апаи Сарварбӣ дар танҳоӣ оилаашро макони муқаддас сохт, дар ниҳоди фарзандон ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми тарафайн, нигоҳ доштани шаъну шарафи инсонӣ, хушодобию меҳнатдӯстӣ, бомаърифат шуданро парвариш дод. Имрӯз фарзандон роҳи модарро идома медиҳанд. Аз фазои орому солими равонӣ, муҳити созгор, ки модар барои онҳо дода буд, меболанд. Ифтихор аз модари хеш доранд ва аз ҳастии ин фариштаи ҳаёт шукргузоранд.

*Модаро, нури ба сар гӯям туро,*
*Нури хуршеди саҳар гӯям туро.*
*Аз падар боре қазо рӯзам надод,*
*Модаро модар-падар гӯям туро...*

**Шарифгули Ҳусейн**
*Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон*

# ШАҲЛО ХОЛИҚЗОДА: МОДАРОН БО БАҲОРУ ГУЛ ҲАМЗОДАНД

***Ӯ аз зумраи он бонувонест, ки худро дар кӯраи кору кӯшиш гудохта, худшиносу зиндагидон шудааст. Дар қатори дигар бонувони кишвар шабу рӯз дар андешаи пешрафти ҷомеа ва баланд гаштани сатҳи дониш, худогоҳӣ ва маърифати ҳуқуқии занону модарони тоҷик аст. Бо ин бонуи хушандешаю соҳибфазилат суҳбате доштем, ки фишурдаи манзури Шумо мегардад.***

**– Баҳор фасли нозанин ва руҳбахш аст. Ҳамаи шоирони бузурги дунё баҳорро бо зеботарин ва хаёлангезтарин вожаҳо ситоиши кардаанд. Агар устод Рӯдакӣ онро «баҳори хуррам» гуфта бошад. Мавлоно «баҳори сабзу тар» номидааст. Шумо ҳамчун Зан – Модар баҳорро чӣ гуна тавсиф мекунед?**

– Баҳор фасли муъҷизаофар аст. Дар қадамаш файз, дар доманаш нуқлу наво дорад. Гузашта аз ин, баҳор мактаби бузурги омӯзиш ва худогоҳӣ аст. Мо бояд аз ҳар як лаҳзаи ин фасли зебо сабақ бигирем. Худро бисозем ва мисли ӯ сахопеша, тозагар ва зебоиафзо бошем.

**– Завқи инсонҳо гуногун аст. Гурӯҳе танҳо ба зебоиҳои зоҳирии ашё эътибор медиҳанд. Ба андешаи Шумо барои сифатпараст шудан кадом омилҳо муҳим ҳастанд?**

– Зебуннисои Деҳлавӣ гуфтааст:

*Дар сухан пинҳон шудам, чун бӯйи гул, дар барги гул,*
*Майли дидан ҳар ки дорад, дар сухан бинад маро.*

Аз зебоии зоҳирии ашё ва мавҷудоти табиат чашм пӯшидан номумкин аст. Аммо мо дар як вақт бояд аз зебоии сифат ҳам биандешем. Барои камол ёфтан ва барвар шудани як буттагул ва ё дарахт обу хок ва муҳити созгор лозим аст. Хуш ба ҳоли инсоне, ки аз сарчашмаи ин ҳусну зебоӣ ва неъматҳо меандешад. Барои ба ин пояи камолоти маънавӣ расидан дониши комил, завқи баланд ва таҷрибаи кофӣ доштан лозим аст.

**– Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолааашон соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карданд. Доир ба аҳаммияти ин пешниҳод андешаатонро бигӯед.**

– Ин пешниҳоди Сарвари давлат бағоят судманд аст, зеро ҳар қадар ки маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бошад, ба ҳамон андоза рӯзгор обод, пояҳои давлат мустаҳкам ва иттиҳоди миллат бегазандтар мегардад. Зеро эҳтиром кардани Конститутсия ва қонунҳои ҷорӣ – эҳтиром кардани давлати миллӣ ва сокинони мамлакат аст. Гузашта аз ин, соли ҷорӣ мо 30- солагии қабул шудани Конститутсияи худро таҷлил мекунем. Миллат ҳамон вақт неруманд ва давлат ҳамон вақт муқтадир мегардад, ки шаҳрвандон маърифати баланди ҳуқуқӣ дошта бошанд. Ин пешниҳоди Сарвари давлат сабаби боз ҳам масъулиятшиностар шудани сокинони ҷумҳурӣ хоҳад шуд.

**– Устод Турсунзода – “Рӯйи олам дидан одам дидан аст. Неку бадро дар ҷаҳон санҷидан аст.” - гуфтаанд. Шумо дар ҳамоишҳои байналхалқӣ дар Қазоқистон, Молдова ва Тукия ширкат доштед. Чӣ таассурот доред?**

– Ҳар як сафар, як мактаби бузурги зиндагидонӣ ва инсоншиносӣ аст. Ҳамаи гӯшаҳои Модар –Замин зебо аст. Ва ҳамаи миллатҳо зебоӣ, илму адаб ва ҳунарро дӯст медоранд. Моро дар хориҷа ҳамчун наберагони Рӯдакӣ, Сино, Мавлоно, Ҳофиз ва Ҷомӣ мешиносанду эҳтиром мекунанд. Мо ҳам бояд барои ворисӣ сазовори ин бузургон будан, пайваста дар фикри баланд бардоштани маънавиёти ҷомеа биандешем.



**РАВЗАНАИ ОШНОӢ:**

*Холиқзода Шаҳло - ёрдамчии Судяи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастпарвари Донишкадаи педагогии шаҳри Бохтар ба номи Носири Хусрав (1989–1994) ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2008). Солҳои 1994–1997 ҳамчун омӯзгор дар мактаб-интернати деҳаи Қаратоғи ноҳияи Шаҳринав кор кардааст. Аз соли 1999 то имрӯз дар Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад. Солҳои 1999–2019 дар вазифаҳои котиби маҷлиси судӣ, мутахассиси шуъбаи умумӣ ва сармутахассиси шуъбаи кадрҳо кор кардааст. Аз моҳи январи соли 2019 то имрӯз ҳамчун ёрдамчии Судяи суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад. Оиладор, соҳиби ду фарзанд.*

*Суҳбаторо*
**Убайдулло Акрамзода**

# ТОЧИКОНА МЕПӮШЕМ













# СОЛИ ДАСТОВАРДҲО

***Ноҳияи Тоҷикобод яке аз гӯшаҳои зебоманзари кишвари азизи мо мебошад. Мардуми заҳматкаши ноҳия бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу оромии кишвар барои ободии Ватан талош меварзанд. Бо муовини раиси ноҳия Меҳринисо Гадозода суҳбате доштем, ки фишурдаи онро манзури шумо мегардонем.***

**– Соли гузаштаро ноҳия Тоҷикобод бо кадом дастовардҳо ҷамъбаст кард?**

– Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод фаъолияташро дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ҳамчунин, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, соли гузаштаро бо муваффақиятҳои назаррас ҷамъбаст намуданд.

Илова бар ин, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети ноҳия 30 млн 701,7 ҳазор сомонӣ ё ба андозаи 92,8 % маблағҳои мақсаднок (субвенсия) ворид карда шудааст.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2021-2025, 196 лоиҳаро ба маблағи 139 млн сомонӣ дар бар гирифта, то охири соли 2023, 70 лоиҳа ба маблағи 50,1 млн сомонӣ ё 36,8 фоиз ба иҷро расидааст. Инчунин 50 лоиҳаи дигар бо маблағи зиёда аз 40 млн сомонӣ дар амал қарор дорад.

**– Лутфан бигӯед, ки таваҷҷуҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ба соҳаи маориф, фарҳанг ва тандурустӣ чӣ гуна аст?**

–Дар ноҳияи Тоҷикобод 38 муассисаи таълимӣ фаъолият доранд, ки дар он 11 ҳазору 678 хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Соли гузашта тавассути маркази миллии тестӣ аз 460 хатмкунанда 148 нафар барои идомаи таҳсил ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ, коллеҷҳо ва литсейҳои касбии техникӣ дохил шуданд. Ҳамчунин, 24 нафар ҷавонони лаёқатманд таҳсили худро тариқи Квотаи Президентӣ идома медиҳанд.

Дар соҳаҳои фарҳангу тандурустӣ ҳам дастовардҳо назаррасанд. Махсусан, дар беморхонаи марказӣ, ки аз 5 шуъбаи бистарикунонӣ, 2 шуъбаи ташхисию ёрирасон иборат аст, духтурони таҷрибадор ва ҳамшираҳои хуб фаъолият доранд, ки аз хизматрасониашон беморон қаноатманд мебошанд.





*Меҳринисо Гадозода*

**–Ба ақидаи Шумо иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Бар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” дар ноҳияи Тоҷикобод дар кадом сатҳ қарор дорад?**

– Имрӯзҳо занону духтарони ноҳияи Тоҷикобод бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу осоиш дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ва сохторҳои давлатии ноҳия бо руҳияи баланд фаъолият намуда истодаанд. Занону духтарони ноҳия дар озмунҳо, ҷашну маросимҳои миллӣ ва чорабиниҳо фаъолона ширкат меварзанд. Муваффақиятҳои онҳо дар озмуни ҷумҳуриявии “Сад ранги чакан”, “Чакомаи гесӯ”, “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, ”Кадбонуи беҳтарин” сутуданӣ аст.

**– Омодагиҳо ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ чӣ гуна аст?**

–Тибқи нақшаи чорабиниҳо дар ноҳияи Тоҷикобод бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ таъмиру бунёди 101 иншоот ба нақша гирифта шудааст. Дар ноҳия биноҳои баландошёна сохта шуда истодааст, симои ноҳия дигар шуда, зебою назаррабо гаштааст. Боз чандин биноҳои маъмурӣ ва хонаҳои истиқоматӣ таҳрезӣ карда шудааст, ки то 35-солагии Истиқлоли давлатӣ сохтаю ба истифода дода мешаванд.

**Сарвар Урозова**

# ИХТИРОЪКОР

***Истиқлоли кишвар имкон фароҳам овард, ки занону духтарони тоҷик, ҳар чи бештар ба илмомӯзӣ машғул шаванд ва ба дастовардҳои беназир ноил бигарданд. Имрӯз бонувони тоҷик дар ҳама ҷодаҳои илм кору фаъолият доранд. Дастовардҳои илмӣ ва ихтироотӣ онҳо чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар эътироф шудаанд.***

Маҳҷабин Давлатқадамова ҷавони зодаи даврони истиқлоли кишвар аст. Ҳоло донишҷӯи соли сеюми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ буда, аллакай барои соҳаи хоҷагии қишлоқ 7 дастгоҳ ихтироъ кардааст.

"Неругоҳӣ барқӣ" ва "Огоҳкунандаи беноқил" намунаҳои барҷастаи ихтирооти ӯ ҳастанд, ки истифодаи онҳо мушкилоти хоҷагии халқро кам мекунад. Маҳҷабин мегӯяд, аллакай неругоҳи ихтироъкардаи ӯро барои татбиқ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешниҳод кардаанд. Неругоҳи Маҳҷабин аз 1 то 3 мВт қувваи барқ истеҳсол мекунад. Ӯ мегӯяд, ки ин неругоҳро аллакай онҳо дар хонаашон истифода мебаранд.

Огоҳкунандаи беноқиле, ки ин ҷавондухтари тоҷик ихтироъ кардааст, метавонад дар соҳаҳои саноат ва дар соҳаи ҳарбӣ истифода гардад. Маҳҷабин мегӯяд, ки агар ин огоҳкунандаро дар корхона васл намоянд, дар сурати аз кор мондани дастгоҳҳо он метавонад, коргоҳро дубора фаъол намояд.

"Огоҳкунандаи беноқил дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, барои хабар додан аз офатҳои табиӣ, муҳофизати хонаҳо, анборҳо, маҳаллаҳои муҳофизатшаванда ва дар






роҳҳои хавфнок барои мондани чароғакҳои роҳнамо истифода бурда мешавад. Ҳангоми ба вуқуъ омадани офати табиӣ, асбоб метавонад аз маҳалли хатарнок ба ҷойи лозимӣ хабар диҳад" – мегӯяд Маҳҷабин Давлатқадамова.

Маҳҷабин Давлатқадамоваро имрӯзҳо аҳли илми кишвар ба хубӣ мешиносанд ва аз корҳои ӯ огоҳанд. Зеро вай дар як қатор озмуну намоишҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ иштирок карда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидааст. Вай соли 2014 дар озмуни "Техникони ҷавон" сазовори ҷойи аввал ва соли 2016 дар озмуни ҷумҳуриявии наврасон, таҳти унвони "Як қадам ба пеш", сазовори дипломи дараҷаи дуюм гардидааст. Инчунин, соли 2021 дар озмуни ҷумҳуриявии "Илм–фурӯғи маърифат" иштирок намуда, мақоми сеюмро касб кардааст.

Маҳҷабин Давлатқадамова ҳамчунин, узви Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Ҳоло Маҳҷабин зери роҳбарии устодаш Қурбонов Бадриддин малакаву маҳорати техникиашро тақвият мебахшад. Ӯ дар баробари ихтироъкорӣ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ низ машғул аст.

"Ҳоло бошад, забонҳои туркӣ ва англисиро меомӯзам. Мехоҳам дар оянда таҳсили худро дар хориҷи кишвар идома дода, дар риштаи худ муваффақ шавам" – мегӯяд ӯ.

Мо бо ин ҷавондухтари кӯшои тоҷик барору комёбӣ мехоҳем.

**О. Соҳибзода**

# МАКТАБИ ТИҶОРАТ

**Пешвои миллат дар Паёми навбатии хеш чунин таъкид карданд: «Мо дар даврони соҳибистиқлолӣ мақоми занонро дар ҷомеа марҳала ба марҳала баланд бардошта, барои онҳо шароити муносиби фаъолиятро фароҳам овардем». Дар ҳақиқат, имрӯз занону духтарон барои ободии диёр ва пешравии ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар баробари мардон саҳмгузор мебошанд. Қаҳрамони навбатии мо Давлатой Мирзоева аз ҷумлаи чунин бонувон аст.**



Давлатой дастпарвари факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буда, баъди хатми донишгоҳ 12 сол ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик дар мактаби рақами 200-и ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият намуд, муддате раиси бахши фарҳанги ноҳия низ буд. Солҳои 1994-1995 дилбастагӣ ба фарҳанг ва адабиёти пурғановати форсу тоҷик ӯро ба Радиои Тоҷикистон овард. Ӯ дар ин ҷо бо устодон Лоиқ Шералӣ, Сорбон ва Беҳрузи Кӯҳдоманӣ дар таҳияи барномаи «Шоҳномахонӣ», дар қироати достонҳо ҳамовозӣ мекунад. Хушбахтона, то имрӯз зиёда аз даҳ сабти "Шоҳномахонӣ" бо ҳамовозии ӯ дар фонди тиллоии радио маҳфуз аст. Давлатой модари се фарзанд аст. Беш аз 20 сол аст, ки ба тиҷорат машғул аст ва дар ин пеша муваффақ ҳам шудааст. Мо бо ин зани қавиирода дар Маркази тиҷоратии «Саодат» ҳамсуҳбат шудем:

**– Пешравии кори тиҷорат бештар ба чӣ вобастагӣ дорад?**

–Ҳамаи касбҳо душвориҳои худро доранд, аз ҷумла, тиҷорат. Ва танҳо тавассути заҳмати зиёд ва дилу нияти пок метавон дар ин ҷода муваффақ шуд. Чанд омили асосии пешравии кори тиҷоратро аз таҷрибаи хеш номбар мекунам: Аввал, бояд дар тиҷорат дили поку дасти босахо дошт, дувум, ростқавлу худотарс будан зарур аст ва сеюм, аз дурӯғу макр бояд дурӣ ҷуст.

**– Молу матои фурӯшгоҳи шумо аз кадом кишварҳо дастрас карда мешаванд ва талаботи харидорон дар кадом сатҳ мебошад?**

– Мо моламонро асосан аз кишварҳои Чин, Ҳиндустон ва Туркия дастрас мекунем. Ба завқи интихоби харидорон нигоҳ карда маҳсулотамонро фармоиш медиҳем. Касоне, ки бо тиҷорат машғуланд ба бисёр ҷиҳатҳои молу матоъ диққат мекунанд, пеш аз ҳама, мувофиқат ба фарҳанги суннатӣ, иқлими кишвар ва сатҳи зиндагии муштариён.

**– Имрӯз дар пешравии фаъолияти занони тоҷир ягон мушкилӣ вуҷуд дорад?**

– Кори тиҷорат нозукиҳои худро дорад, асосан, барои зан. Бонувони ҷавоне, ки кӯдакони хурдсол доранд ва дар зиндагӣ дасттанҳоянд, бештар азият мекашанд. Чунки барои оғози фаъолияташон маҷбуранд аз бонкҳо қарз бигиранд. Ман ҳамчун шахси собиқадор пешниҳод мекунам, ки барои дастгирӣ ва кӯмак ба оилаҳои ҷавону занҳои танҳо маблағҳои қарзии бефоизи дарозмуддат дода шавад, то ин қишри ҷомеа имкони шоиста зистанро ба даст оранд.

**– Кори тиҷорат дар ҳаёти шумо чӣ нақш гузошт?**

– Дар ҳаёти ман тиҷорат нақши муассир гузошт. Ба кишварҳои афсонавии Ҳиндустон, Чин ва Туркия сафарҳо доштам. Бо расму оин ва шаҳрсозиву фарҳанги ин мардумон ошно шудам. Муносибату муошират бо хориҷиён, муомила дар савдо, пос доштани дӯстӣ, ҳамкорӣ бо ҳамсафарон ва ғайраҳо бароям дарси зиндагӣ ва санҷишҳои ҷиддӣ буданд. Тавре устод Мирзо Турсунзода мегӯянд:

*Рӯйи олам дидан, одам дидан аст,*
*Неку бадро дар ҷаҳон санҷидан аст*

*Суҳбаторо*
**Ҳафизаи Бобоҷон**

# АВВАЛИН АГРОНОМЗАНИ ЧОРКӮҲ

*Имрӯз занон-модарони тоҷик дар ҳама соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ дар радифи мардон фаъолият намуда, дар рушду пешрафти ҷомеа саҳми намоён мегузоранд. Раиси Кооперативи тиҷоратии тухмипарварии Чоркӯҳи шаҳри Исфара Восилахон Ҷалолова яке аз онҳост.*

Восилахон аввалин агрономзан дар Чоркӯҳ мебошад, ки пайваста баҳри пурнозу неъмат гардонидани дастархони мардум заҳмат мекашад. Ин зани меҳнатқарин 42 соли умри пурбаракаташро ба соҳаи кишоварзӣ бахшидаву дар таъмини амнияти озуқаворӣ мамлакат заҳматҳои зиёд кашидааст. Ҳамин аст, ки соли 2012 заҳматҳои ӯ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали «Хизмати шоиста» қадрдонӣ гардид.

«Солҳое, ки мо мактаб мехондем, барои духтарон идома додани таҳсил дар донишгоҳ кори чандон осон набуд. Зеро дар он давраҳо духтарҳоро хондан намемонданд ва монеаҳо зиёд буданд. Пас аз хатми мактаб хостам ба муассисаи олӣ равам, мутаассифона, падару модарам розӣ нашуданд, то ман таҳсилро идома диҳам. Вале руҳафтода нашуда, пас аз хатми мактаб чун колхозчидухтар ба кори саҳро баромада, 5 сол кор кардам, лек шавқи хондан ва соҳибкасб шудан рӯз то рӯз дар дилам зиёдтар мешуд. Пайваста фикр мекардам, ки чӣ роҳе бояд пайдо намоям, то ба мактаби олӣ равам», - бо ёдоварӣ аз он рӯзҳо изҳор медорад ӯ.

Восилахон Ҷалолова пас аз кӯшишҳои зиёд тавонист волидонро розӣ намояд. Аммо падар барои таҳсили духтар як шарт гузошт - он ҳам хонда, агроном шудан!

«Соли 1986 ман ба Институти хоҷагии қишлоқ, имрӯза Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ҳуҷҷатҳоямро супоридам. Ду имтиҳонро гузашта, аз сеюмаш афтидам. Он замон ба худ гуфтам, ки агар ҳозир ба деҳа баргардам, мардум чӣ мегӯянд? Акнун онҳо хоҳанд гуфт, ки он ҳама талошат чӣ шуд? Бо ин фикрҳо ман муддате дар шаҳр, дар хонаи





*Восилахон Ҷалолова (аз чап).*

хешовандон мондам. Моҳи феврал ба деҳа рафта, боз ба саҳро ба кор баромадаму пайваста дар фикри дубора имтиҳон супоридан будам. Сокинони деҳа вақте мепурсиданд, ки чӣ кор кардӣ, ман ноҳинҷор шуда, мегуфтам, ки ба шуъбаи ғоибона гузаштам (механдад)».

Восилахон Ҷалолова руҳафтода нашуда, соли 1987 бо омодагии хуб ҳуҷҷатҳояшро ба донишкада месупорад ва ин дафъа дохил мешавад. Соли 1992 донишкадаро сарбаландона хатм намуда, ҳамчун мутахассис ба деҳа бармегардад. Дар вазифаҳои мудири боғчаи кӯдакона, сардори бригада, саркишоварзи хоҷагӣ кор карда, ҳоло 5 сол мешавад, ки раиси Кооперативи тиҷоратии тухмипарварии Чоркӯҳ аст.

Чоркӯҳи Исфара калонтарин деҳа дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, 43 ҳазор аҳолӣ дорад. Қаҳрамони мо дар деҳа соҳиби иззату эҳтироми хосса мебошад. Мегӯяд ҳама дороӣ ва эҳтиром байни мардумро аз баракати замин ёфтааст, ризқи аз меҳнати ҳалол пайдонамудаи инсон ҳамеша ба хонадон фаровонӣ меорад.

«Агар инсон нисбат ба касбе шавқу рағбат дошта бошаду дар дил сидқан орзуяшро парварад, албатта ба мақсад мерасад. Дар зиндагӣ ба хулосае омадам, ки инсон набояд аз амалӣ кардани орзуву нақшаҳояш даст кашад ва руҳафтода шавад», – мегӯяд ӯ.

Восилахон Ҷалолова ҳоло барои духтарону модарони ҷавон намунаи ибрати хубе гаштааст. Ӯ шуруъ аз соли 1994 ба ин сӯ мошин меронад. Ҳар гоҳе, ки духтарон дар сари чанбараки мошин нишаста, ронандагии ӯро мебинанд, дар дил ҳаваси ба ин зан-модари заҳматкашу бориз ва меҳнатқарин монанд шуданро мепарваранд.

**Ш. Садриддин**

# СИМОИ ЗАН ДАР АДАБИЁТ

***Тасвири зан ва алалхусус, Зан-Модар дар адабиёти ҷаҳон нақши густарда дорад ва дар адабиёти форсу тоҷик, ки аз қадимтарин адабиёти башарист, ин мавзуъ бештар матраҳ шудааст. Ҳақиқати ҳастии Зан-Модар ва ҳуқуқу манзилати он ҳанӯз дар китоби муқаддаси Авасто, ки аз куҳантарин осори хаттии мардуми ориёинажод аст, таҷассум ёфтааст.***

Дар «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ чун дигар китобҳои бузургон, ҳастии зан нақши муҳим ва муассир дорад. Дар он Зан-Модар мақоми хеле воло дошта, тасвири бузургиву шаҳомат, корнамоиву шуҷоат, одобу фазилат, тавоноиву зебоии ҷисмонии ӯ аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Фирдавсӣ беҳтарин сифоти занонро дар мардонагиву вафодорӣ, хушбаёниву суханварӣ, хирадмандиву орифӣ ва ахлоқи пок, шарму ҳаё дарёфта, Зан-Модарро чун мазҳари зебоӣ тимсоли некиву покӣ ва офарандаи инсони комил тасвир намудааст.

Аз «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ маълум мешавад, ки дар даврони бостон зан ҳуқуқи воло дошта, худ ҳамсариояндаашро интихоб мекардааст. Масалан, Катаюн – духтари қайсари Рум аз байни ҳазорон мардон, ки аксар ашрофзадогон буданд, Гуштосб марди ғарибро интихоб кард ва намедонист, ки ӯ шоҳзодаи ғариби эронист. Ҳамин гуна ҳуқуқи баробарии мардону занонро дар образҳои дигар занони «Шоҳнома», монанди Синдухт, Рудоба, Гурдофарид, Манижа, Фарангис, Гурдия мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик бахусус дар ашъори Устод Рӯдакӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон байтҳои алоҳидае дучор мешаванд, ки дар онҳо бузургии модар таъкид шудааст. Масалан, дар байти зерини Саъдӣ хушбахтии мард бо доштани зани хуб муяссар мегардад:

*Зани хуби фармонбари порсо,*
*Кунад марди дарвешро подшо.*



Дар адабиёти классикии мо шоире ёфтан аз имкон берун аст, ки дар ситоиши зан шеър насуруда бошад. Дар адабиёти муосири тоҷик ин мавзуъ доманаи фарох дорад ва ҳатто мавзуи мушаххасе бо унвони «Модарнома» ба вуҷуд омад. Мирзо Турсунзода ашъори зиёде дар ин мавзуъ дорад, ки барои ҳар як хонандаи тоҷик маълуму машҳур аст, монанди шеърҳои «Дили модар», «Ба духтари тоҷик» ва алалхусус, достони «Ҷони ширин», дар шеъри «Ба духтари тоҷик» гуфтааст:

*Модари пуршафқати ояндаавлодон туӣ,*
*Даст бар гаҳвораи хушбахт фарзандон туӣ.*
*Аввалин ҳарф аз ту омӯзанд тифлон, з-ин сабаб,*
*Пояи мустаҳками фардои олишон туӣ.*

Шоирони дигари тоҷик мавзуи мазкурро идома додаанд. Устод Лоиқ Шералӣ ин мавзуъро беш аз дигарон ва хубтар аз ҳама шоирони ҳамасраш густариш додаст. Дар «Модарнома»-и Лоиқ, бино ба таҳқиқи муҳаққиқонаш, симои умумиятёфтаи модари кӯҳистонии тоҷик тасвир ёфтааст: зани одӣ, аммо бузург, меҳрубон, дуогӯ; бо мӯйҳои бофидаи пилтабаста, бо дастҳои ширбӯ.

Устод Лоиқ Шералӣ модарро ситоиш намуда, ӯро ҳатто ҷони ҷаҳон номидааст. Умуман, фазо дар модарномаҳои устод Лоиқ густарда буда, шоир ба ғайр аз бузургдошт ва эҳтироми модар барои тасвири манзараҳои табиат ва табиати мардуми кӯҳистон низ ҷой боқӣ гузошта, бузургиву саховати ин мардумро дар симои модар таҷассум намудааст.

Хулоса, тасвири ҳуқуқ ва мақоми Зан-Модар дар адабиёти мо аз даврони бостон ибтидо ёфта, то ба имрӯз идома дорад. Бо як сухан, дар тасвири адибони тоҷик зан сарчашмаи ҳаёт аст ва бидуни ӯ ҳаёт маънии худро гум мекунад.

**Сорбон Асрор**

# ДУОИ МОДАРИ 113-СОЛА

***Ғамзабӣ Низомова куҳансолтарин сокини Кӯшониён аст. 113 сол дорад ва шукргузор аз он аст, ки даврони пириаш дар фазои сулҳу суботи Ватан ва ҳалқаи пайвандону наздикон сипарӣ мегардад.***



20-уми январ 113-сола шудам. Дар тули умр пастию баландиҳои зиёди рӯзгорро дидаам. Сесола будам, ки падару модарам аз дунё гузаштанд. Дар тарбияи аммаю холаҳоям ба воя расидам. Соли 1933 моро аз ноҳияи Рашт ба водии Вахш муҳоҷир карданд. Дар хурдӣ рӯз то бегоҳ дар саҳро кор мекардем. Баробари кишти пахта кори мо ҳам дар саҳро оғоз мешуд. Ба ғайр аз кор дар колхоз, ҷойи дигарро намедидем, - ба хотир овард даврони кӯдакию наврасиашро момои табаррук.

Баъд аз ба шавҳар баромадан низ момои Ғамзабӣ бо ҳамсараш рӯзи худро дар саҳро сипарӣ менамуд. Ҳамсараш раиси колхоз буд, вале завҷаи раис ҳавобаландӣ намекард, қатори дигарон софдилона заҳмат мекашид.

Момои Ғамзабӣ бо вуҷуди синну сол ҳаводиси кишварро пайгирӣ мекунад ва аз ободии кишвар меболад.

– Ба чеҳраи кӯдакони хушбахти замон менигараму кӯдакии худро ба ёд меорам, ки чӣ сон кори вазнини ҷисмонӣ мекардем. Кӯдакони имрӯза озоду хушбахтанд. Ғамхории давлатро дар ҳаққи ятимон дида, дилам аз фараҳ лабрез мешавад. Пешвои миллатамон зимни сафарҳояшон ба шаҳру ноҳияҳо ҳатман аз ҳоли ятимон бохабар мешаванд. Худ, ки ятим ба воя расидаам, медонам сари ятимеро навозиш ва ҳарфи дили ӯро гӯш кардан чӣ сон ба онҳо шодӣ мебахшад, - мегӯяд момои Ғамзабӣ.

Ӯ соҳиби ҳашт фарзанд ва зиёда аз 100 набераю абера мебошад. Аҳли деҳа ҳурматашро ба ҷо меоранду ҳамарӯза аз ҳолаш хабар мегиранд. Дар ҳама маросими аҳли деҳа фаъолона иштирок мекунад ва дуои хайр медиҳад. Аз он хурсанд аст, ки ҳашт фарзанди хешро бо меҳнати ҳалол ба воя расондаасту ҳоло фарзандонаш зиндагии обод доранд.

**С. Султонов,**
*н. Кӯшониён*

# УМРИ ЯКАСРА

***Сокини шаҳри Бохтар Қутбиддинова Мусаффо (Муҳаббат) 8-уми март 100-сола шуд. Ӯ соли 1924 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Пас аз муноқишаҳои сиёсӣ соли 1930 оилаи онҳо ба шаҳри Душанбе кӯч мебандад.***

Қутбиддинова Муҳаббат дар синни 18-солагӣ, соли 1942 ҳангоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ, пас аз хатми курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзгорӣ бо роҳхат ба мактаби №45-и ноҳияи Коммунистӣ (ҳозира Кӯшониён) омада, то синни 65-солагӣ дар мактаби мазкур кору фаъолият намудааст. Ҳамчунин, Қутбиддинова Муҳаббат аъзои Иттифоқи журналистон низ будааст.

Қутбиддинова Муҳаббат дар тули фаъолияти зиёда аз 50-солааш, замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва муноқишаҳои сиёсии солҳои 1991-1992 новобаста ба хатарҳои зиёд ба ҷони хеш, аз пешаи омӯзгорӣ даст накашида, шогирдони зиёдеро тарбия намудааст.

Соли 1985 шавҳари Қутбиддинова Муҳаббат аз олам гузашта, новобаста ба бори вазнини зиндагӣ, ӯ тавонистааст, ки фарзандонро мустақилона ба воя расонида, соҳиби маълумот гардонад. Панҷ фарзанди ӯ (1 духтар ва 4 писар) ҳамаашон соҳиби маълумоти олӣ буда, дар хизмати ҷомеа ҳастанд. Ӯ ҳамчунин, 24 набера, 32 абера ва 77 чабера дорад.



«Пайваста даст ба дуо ҳастам, кишвари мо тинҷу ором ва дастурхони мардуми мо пур аз нозу неъмат бошад», – мегӯяд, ин зани 100-сола.

**Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ,**
*ш. Бохтар*

# БӮРОНДУХТ – ШАҲЗОДАИ САРЛАШКАР

***Дар сафҳаҳои таърихи низомӣ ва давлатдории мо ориёнажодон дар баробари мардони таҳамтан ва размандаву ватандӯст бонувон низ саҳми арзанда доранд. Яке аз чунин бонувон сарлашкари ҷасуру бебок ва шоҳзодаи ватанхоҳу ватандӯст Бӯрондухт аст, ки дар ин сафҳа бо ӯ ошно хоҳем шуд.***

Қиссаву таърихи ҷасорат ва матонати ин зан дар китоби «Доробнома»-и Абутоҳири Тарсусӣ (садаи XII) дар «Достони Бӯрондухт ва Искандар» оварда шудааст.

Дар фарҳангномаҳои мӯътабар аз ҷумла дар Луғатномаи Деҳхудо оид ба ин номи таърихӣ чунин маълумот бармеояд: «Бӯрондухт дар порсии миёна маликаи сосонӣ (с. 628-590 ё 631) духтари Хусрави Парвиз буд. Сиккаҳое, ки аз Бӯрондухт барҷой монда, ба соли аввал, дувум ва савуми подшоҳии вай тааллуқ доранд.

Дар достон сабт гардидааст, ки «..ӯро (Доробро) духтаре буд сахт боҷамолу камол, ки ӯ беназири аҳди хеш буд ва дар ҳаждаҳсолагӣ сурати Сиёвахшу фарри Ҳушанг дошт ва дар қуввату диловарӣ ба Исфандиёр мемонд. Аммо бар лаб хатти сабзе дошт, чунон ки ҳар кӣ вайро бидидӣ, пиндоштӣ, ки ӯ мард аст ва гурзи дувисту панҷоҳ ман кор фармудӣ. Ва Дороб ин духтарро қавӣ дӯст доштӣ ва ҳунарҳое, ки шоҳзодагонро мебакор ояд, ҳама ӯро даромӯхта будӣ. Ва ин духтарро Бӯрондухт ном буд ва ба ривояти дигар Равшанак ном дошт. Аз ин сабаб онро Бӯрондухт гуфтандӣ, ки ӯ пушти лаб хатти сабз дошт ва ҳеҷ касро ба мардӣ нашумурдӣ».

Чун Доробшоҳ аз дасти Искандар кушта мешавад, оташи кину ғазаб ба дили Бӯрондухти ҳарбозмуда аланга зада, ӯ дар назди тобути падар савганд мехӯрад: -«Эй падари ман ва эй қуввати дили ман, маро бе ту зиндагонӣ ба чӣ кор ояд?! Аммо ба равони туву ба равони бузурги ниёи ман Дороб ибни Ардашер, ки ин ҷо ҳозир аст, ки доди ту аз Искандари набераи Файлақус бозхоҳам, ки Ҷонусёру Моҳёрро донам, ки ӯ баргумошт, то ба ту ин муомила карданд!»

Искандар бо кушта шудани Доробшоҳ гумон мекард, ки тамоми мулки Порс аз они ӯ шудааст, вале Бӯрондухт лашкари парокандаи кишварро сарҷамъ намудаву ба муқобили Искандар беамон ҷангидааст.

Дар «Доробнома» дарҷ гардидааст, ки лашкариёни Бӯрондухт мегӯянд: «…мо ҳама бандагони туему аз они Дороб, ки падарони мо бандагони шоҳ Дороб буданд ва бидонад маликаи Эрон, ки то пойи ту дар рикоб бошад, мо аз барои ту ба ду даст теғ бизанему аз ту барнагардем, то кори Искандар якрӯя шавад… Акнун ки Шуморо бо ҷон дидем, ҳар чӣ ишорат кунед бар он биравем.»...

Дар ин достон хонандаи хушзавқ огоҳ мегардад, ки чӣ тавр лашкари Бӯрондухт бар зидди душмани аҷнабӣ меҷангаду ҳар як ваҷаб хоки ватан ба онон муқаддас аст ва онҳо омодаанд, то ин ғорату хунрезии Искандарро дар мулки худи ӯ садчанд бикунанд ва ин қасосро аз руму румиён бигиранд.

Дар ин достон матонату диловарӣ ва ҷасорати ин бонуи марднеру ва нотарс пурра таҷассум ёфтааст. Ҳатто, чун Искандар мехоҳад ӯро ҷуфти худ созад, аз



ин пешниҳод Бӯрондухт ҳаргиз розӣ нашуда, шартҳои худро пеш мегузорад, ки танҳо барои сулҳу осоиштагисту бас.

Бӯрондухт дар руҳияи гуфтору кирдор ва пиндори нек тарбия ёфта, акси ин ахлоқи ҳамидаи инсониро дар ниҳоди инсонҳо намепазируфт ва он вақте бо ҳадафи осудагии фардӣ модари Бӯрондухт, ки Обондухт ном дорад, ба хотири Искандар ба Дороб бад карду ӯро гирифт ва Бӯрондухт ба ин сахт нафрат дошт. Вақте ба кӯшки модар медарояд, аз аслу насаби хеш ёдовар шуда, мегӯяд: "Манам Бӯрондухт бинти Дороб ибни Дороб ибни Ардашер ибни Гуштосп ибни Луҳросп аз тухмаи Ҳушанг!..." ва чун модараш аз ӯ узр хостанӣ мешавад, Бӯрондухт чунин посух медиҳад: «Мабодо модаре чун ту андар ҷаҳон, ки номи худ ба нанг фурӯ бурдӣ ба ҷиҳати Искандар, то маро дар ҷаҳон афкандӣ ва Истахр бо вай додӣ ва бо ӯ дарсохтӣ ва марову падари маро фаромӯш кардӣ!...».

Ин достони мухтасари таърихӣ ва пурмуҳтаво, ки дар руҳияи ватандӯстиву меҳанпарастӣ бо корномаи як шаҳзодабонуи далеру матин офарида шудааст, бори дигар моро аз диловариву мардонагӣ ва поктинатии зани тоҷик сабақ меомӯзад.

**Р. Зулфониён**

# МУБОРИЗИ РОҲИ ОЗОДИИ ЗАНОН

***Дар масири таърихи тоҷикон як қатор занони далеру шуҷоъ ва донову оқила дар радифи мардон дар саҳнаи илму ҳунар ва арсаи сиёсат фаъолият намуда, дар ҷомеа сазовори эътирофу эҳтиром ва мақому манзилати баланду шоиста гардидаанд. Яке аз чунин шахсон ходими намоёни давлатӣ, аввалин муаллимаи маълумоти олидор, аз ҳисоби тоҷикон Тоҳирова Баҳринисо мебошад.***

14-уми декабри соли 1924 Комиссариати маорифи халқи Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ташкил ёфт. Ба ҳайати он Аббос Алиев, Абулқосим Лоҳутӣ, Муҳаммадҷон Ҳасанов, Нисор Муҳаммад, Баҳринисо Тоҳирова ва дигарон шомил гардиданд. Баҳринисо Тоҳирова аз рӯзҳои аввали таъсиси маорифи Тоҷикистон ба рушди он диққати калон медод, пеш аз ҳама, барои ба меҳнаткашони ҷумҳурӣ фаҳмонида додани моҳияти мактаби нави шуравӣ, ташкилу рушду нумуи он, таълиму тарбияи кадрҳои омӯзгорӣ, ҷалб намудани бачагон ба мактаб, мубориза бар зидди бесаводӣ таваҷҷуҳ дошт.

Соли 1924 Баҳринисо Тоҳирова ба сифати омӯзгор ба Дорулмуаллимини тоҷик, ки дар шаҳри Тошканд қарор дошт, ба кор омад. Дар он солҳо шумораи занон-омӯзгорон аз ҳисоби тоҷикон қариб вуҷуд надоштанд ва Дорулмуаллимин нахустин донишкадае буд, ки дар ихтиёри ҶМШС Тоҷикистон қарор дошт ва асосан, аз ҳисоби тоҷикон кадрҳои омӯзгорӣ тайёр мекард.

Чунончи, рӯзномаи "Овози тоҷик" соли 1928 хабар дода буд: "Дар шаҳри Тошканд мактаби занона ва курсҳои маҳви бесаводӣ кушода шуд. Ба он тоҷикзан Баҳринисо ном муаллима роҳбарӣ мекунад. Ба туфайли меҳнати пурмаҳсули ӯ, шумораи хонандагон - занону духтарон рӯз ба рӯз афзуда истодаанд. Айни замон, дар мактаби занона 43 духтар ва дар курсҳои «маҳви бесаводӣ» 23 нафар таҳсил мекунанд.

Ин зани шуҷоъ ва оқила дар байни занони тоҷики Узбекистон корҳои зиёди тарғиботиву тарбиявӣ мебурд. Ӯ аз ҳисоби занони тоҷик «Ҷамъияти занони Тоҷикистон»-ро дар назди Комитети иҷроияи марказии Узбекистон ташкил намуд. Ин ҷамъият дар масъалаи ҷалби занон ба таҳсил ва истеҳсолот, фаҳмонидани моҳияти сиёсати маорифи шуравӣ ва даст кашидан аз одату анъанаҳои кӯҳна корҳои зиёди тарғиботиву ташвиқотиро анҷом дод.

Кори дигаре, ки «Ҷамъияти занони Тоҷикистон» фаъолияташро ба он равона сохта буд, ин маъракаи «фаранҷипартоӣ» буд. Ин падида ҳамчун нишона аз сохти кӯҳна ва беҳуқуқии занон дониста мешуд. Бо ташвиқу тарғиби Баҳринисо Тоҳирова, Зиёда Фахриддинова, Бибируқия Азимова ва чандин занҳои дигар дар наздикии бинои Дорулмуаллимини тоҷикон дар шаҳри Тошканд намоиши фаранҷипартоӣ барпо намуданд. Чанде аз он занону духтарони бефаранҷӣ, ки ба назди донишкада омада буданд, аз дасти руҳониёни иртиҷоъпараст ба қатл расонида шуданд.

Бешубҳа инро метавон як навъ муборизаи зани тоҷик баҳри истиқлоли худ донист. Ба фишору таъқиби



*Аввалин муаллимаҳои маълумоти олидор Бибируқия Азимова, Баҳринисо Тоҳирова, Зиёда Фахриддинова*

кӯҳнапарастон нигоҳ накарда, «Ҷамъияти занони Тоҷикистон» дар муташаккилона гузаронидани фаранҷипартоӣ гомҳои устувор мегузошт. Ин маърака хусусияти оммавиро гирифта, дар тамоми шаҳрҳои Осиёи Миёна номи «Ҳуҷум»-ро гирифт.

Дар шаҳри Тошканд комиссияи махсус оид ба фаранҷипартоӣ ташкил ёфт, ки кори ин маъракаро боз ҳам ҷоннок намуданд. «Ҷамъияти занони Тоҷикистон» танҳо дар соли 1928 дар шаҳри Тошканд 12 маҷлиси занонро гузаронид. Чунончи, Баҳринисо Тоҳирова ёдоварӣ аз он рӯзҳо намуда, қайд мекунад: "Дар шаҳри Тошканд ба муқобили одамони зишту манфур, кӯҳнапарастон, бойҳо, ки сохти ҷамъияти шуравиро чашми дидан надоштанд, мубориза намудам. Чанд тан занону духтарони шаҳрро аз чордевори хурофот озод кардам, барои соҳиби касбу кор ва илму маърифати шудани онҳо талошҳо намудам."

Баҳринисо Тоҳирова дар соҳаи маориф софдилона фаъолият намуда, нақши босазои худро дар рушди фарҳанги шуравии тоҷик, ташкил ва рушди маорифи ҷумҳурӣ, ба таҳсил фаро гирифтани занон ва ҷалби онҳо ба истеҳсолот, дар маҷмуъ, озодии комили занон гузошт.

**Бахтовар Темирзода**,
*муаррих*

# ЗАБОН ВА ФАРҲАНГИ ТОҶИКИРО ТОЗА НИГОҲ ДОРЕМ

Яке аз масъалаҳое, ки имрӯз ҷомеаро ба ташвиш меорад, олудасозии забони тоҷикӣ мебошад. Шахсан ман сабаби асосии ин вазъиятро дар он мебинам, ки имрӯз модарони ҷавон телефонҳои мобилӣ, планшет ва оинаи нилгунро ягона воситаи оромкунии кӯдак медонанд. Ҳамарӯза кӯдакони 1–2 -соларо мушоҳида менамоем, ки соатҳои зиёд аз ҷой наҷунбида тавассути телефони мобилӣ ва оинаи нилгун филмҳои тасвирӣ тамошо мекунанд. Модарони онҳо бениҳоят хурсанд ҳастанд, ки воситаи дилхушии фарзандонашонро ёфтаанд ва худашон низ аз ин истифода намуда, бемалол филм тамошо мекунанд. Алалхусус, филмҳои тасвирие, ки аксаран, бо забони ғайр ҳастанд.

Модарони ҷавон фикр намекунанд, ки аввалан қувваи босираи фарзандонашон суст мешавад. Баъдан, фарзандонашон бо забони беолоиши тоҷикӣ дуруст гуфтугӯ карда наметавонанд. Падару модароне ҳастанд, ки ба кӯдаконашон планшет туҳфа мекунанд. Албатта мо дар асри технологияи навин умр ба сар бурда истодаем. Фарзандони мо хоҳ-нохоҳ таҷҳизотҳои техникиро самаранок истифода менамоянд, вале намедонанд, ки истифодаи бисёр аз он ба саломатӣ зарровараст.

Дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳо хонандагони синфҳои болоӣ иншо ва нақли хаттӣ менависанд. Натиҷаи санҷиш маълум мекунад, ки қариб 20% калимаҳояшон ғайритоҷикӣ буда, мазмун ва балҳои баҳо паст мешавад. Онҳо аз саҳар то бегоҳ дар назди оинаи нилгун нишаста силсилафилмҳои хориҷӣ, аз ҷумла, филмҳои зӯроварию ҷангӣ тамошо мекунанд, хоҳем-нахоҳем фарҳанги бегона ба равони онҳо таъсири худро мерасонад ва бо тамошои филмҳои мазмуни зӯроварӣ дошта аз аввал дар вуҷудашон ҳисси интиқомгирӣ, роҳҳои шиканҷа додан, куштор, одамрабоӣ, фаҳшу ваҳшатгароӣ (терорризм) бедор мешавад. Шумо тасаввур кунед, ки ояндаи фарзандонатон чӣ мешавад?

Хуб мешуд, ки модарони ҷавон ба мисли давлатҳои пешрафта шабҳо кӯдаконашонро бо хондани афсонаву ҳикояҳои тарбиявӣ мехобонданду ба ҷойи планшет ба фарзандони хурдсол китобҳои шавқовари расмдор ва китобҳои афсона, ба бачаҳои синфҳои болоӣ бошад, китобҳои бадеиро бо муҳтавои роман, достон, повест ва афсонаҳои халқи тоҷик харидорӣ менамуданд. Волидайн барои бедор намудани рағбати китобхонӣ ва баланд намудани ҷаҳонбинии фарзандон бояд, ки дар ҷевони хона сафи китобҳои бадеиро зиёд намуда, онҳоро руҳбаланд намоянд, ки дар озмунҳои "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Илм – фуруғи маърифат"ва дигар озмунҳо иштирок намоянд.

Пешвои миллат санаи 9 марти соли ҷорӣ дар сухангонии хеш бо аҳли зиёи кишвар таъкид намуданд, ки мо дар раванди ҷаҳонишавӣ набояд рӯ ба фарҳанги бегона орем. Аз беназоратии баъзе падару модарон ҷавондухтарон имрӯз ба либоспӯшии туркӣ тақлид менамоянд ва ба либоси миллии тоҷикӣ кам таваҷҷуҳ мекунанд. Бояд қайд намуд, ки як паҳлуи коҳиш ёфтани фарҳанги либоспӯшии тоҷикии мо дар ин аст, ки занону духтарони тоҷик бештар ба силсилафилмҳои туркӣ рӯй овардаанд. Пешвои муаззами миллат чӣ қадар кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки либосҳои миллии тоҷикона аз байн нараванд. Ҳамасола ҳар гуна озмунҳои ҷумҳуриявӣ аз қабили "Сад ранги чакан", "Чакомаи гесу", "Мо тоҷикона мепӯшем" баргузор мегарданд, то ин ки фарҳанги бойу пурғановати тоҷикӣ аз байн наравад. Баҳри рушду эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар ҷумҳурӣ корхонаҳои саноатии атласу адрасбофӣ сохта шуда, дӯконҳои хурди чакану гулдӯзиҳо бунёд гардидаанд, ки аз андоз озоданд, то ин ки соҳибкориашон равнақ ёбаду анъанаҳои миллӣ ривоҷ дода шавад. Вале афсус, ки аксари ҷавонондухтарон инро нодида гирифта, тақлидкунон рӯ ба фарҳанги кишварҳои бегона меоранд.



Ҳусни ҳақиқии зан назокату нафосати ӯст ва ин фазилати олии кулли бонувон аст. Дар тарзи либоспӯшӣ на танҳо зебоӣ, балки гуфтору рафтор, одоби муошират ва ҳатто хулқу атвори ҳар як бону зуҳур меёбад ва зан он вақт зебо менамояд, ки ҳусни маънавӣ бо ҳусни табиӣ алоқаманд бошад. Мо занонро оинаи чеҳранамои миллат мегӯянд. Пироҳани тоҷикӣ, ки нишони ҳунару фарҳанг ва тамаддуни миллат аст, водор месозад, то онро ҳамчун ёдгории ниёгон эҳтиёт намуда, ҳамчун ҳунари зебо ва фарҳанги ғанӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ кунем. Фарзандони худро дар руҳияи фарҳангдӯстӣ, ватанпарастӣ ва хештаншиносӣ тарбия намуда, фарҳанги пурқимат ва анъанаҳои пешинро гиромӣ дорем, забони ноби хешро аз ҳар гуна забонҳои ғайр ҳифз намуда, аз пӯшидани либосҳои бегона дурӣ биҷӯем.

**Собоҳат Урозова**
*Омӯзгори МТМУ №1-и ноҳияи Темурмалик*

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ЗАМИНАИ БОЭЪТИМОДИ РУШДИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

***Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад.***

**Эмомалӣ Раҳмон**



***Пирова Гулафзо,***
*омӯзгори факултети ҳуқуқшиносии ДМТ*

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза, марҳилаи нави тараққиёт ва пешрафтро паси сар карда истодааст, ки бо назардошти ин муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, ба танзими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон эҳтиёҷ дорад.

Бояд тазаккур дод, ки ташаккули давлати ҳуқуқбунёд бе инкишофи тарбия ва фарҳанги ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Зеро ҳуқуқ дар давлати ҳуқуқбунёд ҷавҳари ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, волоияти қонун ва низоми муайяни ҳуқуқиро таъмин менамояд. Ҳуқуқ падидаи мураккаби ҳаёти ҷомеа буда, паҳлуҳои гуногун, шаклҳои мухталифи ифода, амал ва ҳастӣ дорад. Албатта, мо дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ бо мафҳуми "ҳуқуқ" ҳарчи бештар ошно мегардем, ки ин бесабаб нест. Ҷомеа ва мардум ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки ҳуқуқро бо мафҳумҳои ҳақиқату инсоф алоқаманд намоянд. Моҳияти ҳуқуқ низ, маҳз, дар ҳамин ифода меёбад. Ҳамзамон, моҳияти умумииҷтимоии ҳуқуқ ба таври мушаххас дар фаҳмиши он ҳамчун меъёри озодӣ ифода меёбад. Инсон дар доираи ҳуқуқҳои худ озодона амал мекунад ва қонун озодии инсонро аз ҳама гуна амалҳои манфӣ ҳифз менамояд.

Ҳар як фарди ҷомеа бояд зарурати риояи бечунучарои қонунро амиқ дарк намояд ва итоат ба қонун бояд ба одати ҳар як шаҳрванд табдил ёбад.

Бояд тазаккур дод, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва нахустдараҷаи кишварҳое маҳсуб меёбад, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифтаанд. Дар нахустин моддаи Конститутсияи амалкунанда хусусиятҳои соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Арзишҳои номбурда собит месозанд, ки давлат дар пояи қонун ва ҳуқуқ бунёд ёфта, рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шуруъ аз солҳои 90-ум масоили баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакатро хеле муҳим ва мубрам арзёбӣ намуда, дар ин самт як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намудаанд. Аз ҷумла, Фармони Президенти ҶТ аз 9-уми апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳкими ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» аз 1-уми декабри соли 1999, Қарорҳои Ҳукумати ҶТ дар бораи «Барномаи низоми давлатии омӯзиши ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12-уми июни соли 2001, «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» аз 3-юми декабри соли 2012, «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» ва ғайра.

Мақсади асосии ин барномаҳо аз риояи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он, баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайраҳо иборат мебошад.

Ҳамин тариқ, зикр бояд кард, ки тарбияи ҳуқуқӣ барои ҷомеаи демократӣ ва таъмини волоияти ҳуқуқу тартибот нақши муҳим дорад, ва он дар рушди ҷомеаи миллӣ заминаи асосист.

# АБДУРАҲИМ ҲОҶИБОЕВ
## ВА ТАЪСИСИ МАҶАЛЛАИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОН

*8-уми марти соли 1932 масъалаи нашри маҷаллаи ҳармоҳа барои бонувони тоҷик ба миён омад. 14-уми марти соли 1932 барои ташкил ва нашри маҷаллаи ҳармоҳаи оммавӣ барои занон – коргарзанон ва колхозчизанон қарори ШКХ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид.*

Аввалан, барои ташкили маҷалла гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд. Раиси Шурои комиссарони халқии Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев ба гурӯҳи корӣ супориш дод, ки дар муддати кӯтоҳ миқдори кормандон ва ҷойи кори онҳо муайян карда шуда, маҷаллаи номбурда дар арафаи иди меҳнаткашон – рӯзи 1- уми май аз нашр бароянд.

Дар оғози кори маҷалла панҷ нафар ба фаъолият шуруъ карданд. Шарофат Ортиқбоева - муҳаррир, М. Носирова -ҷонишини сармуҳаррир ва Музаффара Қосимова - котиби масъули маҷалла таъин шуда буданд. Вақт хеле тангу мӯҳлат кам буд, барои фаъолияти маҷалла на бино буд ва на коғаз. Кам будани муаллифон, набудани ҳаққи қалам ва боз муаммоҳои дигар кормандонро азоб медод.

Дар ёдномаи Музаффара Қосимова зикр мешавад, ки барои ҳалли масъалаи маблағ назди Абдураҳим Ҳоҷибоев рафтааст. Хушбахтона, Комиссари молияи ҷумҳурӣ Малахов низ он ҷо ҳузур доштааст. Баъди ба ҷо овардани одоби муошират, раис, ки Музаффараро чун корманди кордон ва масъул мешинохт, гуфт:

- Медонам, барои чӣ омадаӣ. Гӯшам ба ту.

Музаффара сари мақсад омад:

- Ҳукумат самтҳои асосии фаъолияти амалии маҷалларо муайян кард. Дар оғози кор барои иҷрои ин вазифаҳо, пардохти ҳаққи қалам барои муаллифон ва чиҳози идора камаш 3000 ҳазор маблағ лозим, ин барои оғози кор.

- Хуш, фикри шумо чӣ? - ба комиссари молия нигарист Абдураҳим Ҳоҷибоев.

- Барои нашри маҷалла ва ҳаққи қаламӣ кормандон 3000 сӯм не, балки 13000 сӯм маблағ медиҳем, - гуён, комиссар ба Музаффара нигоҳ карда гуфт: - Ҳарчи зудтар аз пайи кор шавед!

- Воқеан, худат ҳам дар рӯзи матбуот таваллуд шудаӣ. Акнун туро духтари матбуот гӯем ҳам, мешавад, - табассум намуд Ҳоҷибоев. - Барори кор мехоҳам.

Маҷалла дар матбааи Хонаи матбуот (алҳол Чопхонаи рақами якуми шаҳри Душанбе) нашр мешуд. Музаффара он рӯзи фирӯзро хуб дар ёд дорад. Мебоист ҳамон рӯз маҷалла зуд муқовабандӣ шуда, ба фурӯш бароянд. Шомгоҳ, вақте Музаффара ҳамроҳи масъули чоп Қосим Дайламӣ ба матбаа мерафт, нохост чароғи барқӣ хомӯш шуд. Ҳарду ба изтироб афтоданд. Хайрият, кор ба некӣ анҷомид. Баъди муддате боз чароғ фурӯзон шуд...

Дар муқоваи маҷалла рассом роҳи озодиро чунон хубу барҷаста кашида буд, ки диққати ҳар бинандаро мерабуд: тоҷикзане зери парчами сурх ба мубориза зидди чаҳолат ва дунёи гузашта бархостааст. Аз ваҷоҳату қиёфа, дасти болову сари баландаш маслаку мароми ӯ ҳувайдост. Расму суратҳо, табрикномаи КМ ПК (б) Тоҷикистон ба маҷаллаи «Бо роҳи Ленинӣ», хабару мақолаҳо, шеъру ҳикояти он занону духтаронро ба шоҳроҳи рӯзгори нав, ҷалби онҳо ба колхозҳо, маҳви бесаводӣ, халосӣ аз урфу



*Абдураҳим Ҳоҷибоев дар кормандони нашриёти давлати Тоҷикистон 1932.*

одатҳои зараррасон, фаранҷипартой, иштироки фаъолона ба сохтмонҳо даъват ва ҳидоят карда, ба рӯяшон дари бахту саодат кушодани Ҳокимияти Шуроро инъикос менамуд.

Якуми майи соли 1932 бо алифбои нави лотинӣ маҷаллаи «Бо роҳи Ленинӣ» 2500 нусха аз нашр баромад. Ҳаҷми маҷалла 1,5 ҷузъи чопӣ муқаррар карда шуда, нашри он ба зиммаи Нашриёти давлатии Тоҷикистон гузошта шуд. Баъди нашри маҷалла дар бинои Хонаи деҳқон ҷамъомади коргарзанон ва колхозчизанон баргузор гардид. Раиси Шурои комиссарони халқии Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев маҷаллаи «Бо роҳи Ленини»-ро ба даст гирифта, тамоми иштирокдоронро бо рӯзи меҳнаткашон ва ба нашр расидани маҷаллаи мазкур табрик намуд.

Дар шумораи якум оид ба аввалин нашри маҷалла табрикномаҳои зиёде аз номи Раиси Шӯрои комиссарони халқии Тоҷикистон А. Ҳоҷибоев, Комисариати маорифи халқи Тоҷикистон Нисор Муҳаммад, раиси Нашриёти давлатии Тоҷикистон Маъруф Расулӣ, инчунин, аз номи намояндаи аз Техникуми духтаронаи тоҷикии шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Узбекистон Ҳиммат Қаюмова ва дигарон чоп шудааст. Бояд қайд намуд, ки дар саҳифаҳои ин маҷалла номи ду бонуи тоҷик пайдо шуд, ки шеъру мақолаҳояшон интишор мешуданд. Онҳо Музаффара Қосимова ва Музаффара Рустамова буданд. Дар маҷалла нависандагону шоирони мо, аз ҷумла, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ низ асарҳои худро чоп мекарданд.

Маҷалла дар давоми фаъолияти худ баҳри инкишофи матбуоти миллии Тоҷикистон саҳми беандоза дошта, минбаъд низ, бо номи «Занони Тоҷикистон» ва ҳоло бо номи «Фирӯза» дар таҷассуми фарҳанги худшиносӣ ва ҳуввияти миллии тоҷикон, махсусан бонувон, нақши муассир мегузорад.

**Бахтовар Темирзода,**
*муаррих*

# ПИРЯХҲО – САРЧАШМАИ ОБ

***Табиат модари кулли мавҷудоти зинда аст. Қудрати офарандагӣ ва эҳёгарии онро бо ягон чиз қиёс кардан мумкин нест. Дар низоми муназзаму мураттаби дар давоми миллионҳо сол ташаккулёфта хурдтарин зарра ҳам ҷойгоҳи хос ва арзиш дорад. Вале фарзанди одам бо вуҷуди як узви ин табиат будан сабабгор шуд, ки низоми дар коинот маъмулгашта халалдор шавад.***

Аз таъсири газҳои зарарноки аз корхонаҳои бузурги саноатӣ хориҷшуда ва бераҳмона буридани дарахтони ҷангалзорҳо табиат бисёр сифатҳои одамии худро гум кард. Оҳиста-оҳиста чашмаҳо хушк дарёҳо камоб ва пиряхҳои миллионҳо сол умрдошта об шуданд. Ин вазъи ногуворро ба назар гирифта Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба СММ пешниҳод карданд, ки барои наҷоти сайёраи Замин ва пешгирӣ кардани обшавии пиряхҳо соли 2025 “Соли умумиҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо” эълон карда шавад. Ин пешниҳоди ҷолиб ва дурандешона аз тарафи ҳамаи роҳбарони давлатҳои дунё якдилона пазируфта шуд.

Имрӯз дар пеши кулли башарият масъалаи ҳаёту мамот истодааст. Инсоният бояд ба кадом роҳе, ки набошад пеши роҳи обшавии пиряххоро бигирад. Зеро ба ин суръати баланд об шудани пиряхҳо дар табиат таркиш ба амал меорад. Аввалин тадбир дар ин роҳ бунёд кардани ҷангалзори нав дар кӯҳистон аст, зеро маҳз, дарахт метавонад дараҷаи кофии намиро дар замин нигоҳ дорад. Сониян, ҷиддан ба ҳалли мавзуи наҷоти баҳри Арал баргаштан аст. То имрӯз 80 дарсади ин баҳри ҳаётбахш хушкидааст. Хоки шӯр ва намакҳои дар ҷойи баҳри хушкида бозмондаро шамолҳои сахт ба ҳаво бардошта то кӯҳҳои Помиру Тён-Шон ва Зарафшону Туркистон меорад. Агар як сабаби об шудани пиряхҳо гармшавии иқлим бошад, сабаби дигараш намак ва хокҳои шӯри ба воситаи туфону тундбодҳо аз ҳудуди баҳри Арал омадааст.

Олимони ҷуғрофидони тоҷик ҳисоб кардаанд, ки дар давоми сӣ соли гузашта аз 13 ҳазор пиряхи дар ҳудуди Тоҷикистон мавҷудбуда ҳазор пирях пурра об шудааст. Ин раванд бисёр хатарнок ва нигаронкунанда аст. Барои пеши роҳи ин ҳолати изтиробангезро гирифтан ва масъулияти шаҳрвандону сохторҳои марбутаро зиёдтар кардан Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 январи соли 2024 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пиряхҳо”-ро қабул кард. Ин қонун аз чор боб ва бист модда иборат аст.

Дар моддаи 19-уми Қонун омадааст: “Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур бо таркиби муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд:

Қарзи фарзандӣ ва инсонии ҳар як шаҳрванд аст, ки дар амалӣ шудани моддаҳои ин Қонун ҳиссаи худро гузорад. Зеро яке аз сарчашмаҳои оби софу зулол пиряхҳо ҳастанд. Об ҳаст, ки зиндагони сафо ва умр маъно доранд. Пас ҳифзи пиряхҳо ҳифз кардани зебоӣ, ганҷинаи табиат ва зиндагонӣ аст.



# ТАОМҲОИ НАВРӮЗӢ

***Бо омадани Наврӯз кадбонуҳои тоҷик сертараддуд мешаванд, зеро оростани дастархони идона аз онҳо маҳорати баланд ва таҷрибаи пухтупаз доштанро тақозо менамояд. Бар замми ин, омода кардани хӯрокҳои наврӯзӣ кори осон нест, агар кадбону ин ҳунарро аз калонсолон наомӯхта бошад.***

*Корманди калони шуъбаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мумина Шовалиева мегӯяд, ки хӯрокҳои миллии мо дар ҷаҳон машҳур буда, санъати пухтупази халқи тоҷик тӯли садсолаҳо зери таъсири таърихи ғанӣ ташаккул ёфтааст. Ҳамин аст, ки меҳмононе, ки ба мамлакати мо ба сайёҳӣ меоянд, хӯрокҳои моро randa мераванд,* 

*«Бахусус таомҳои наврӯзӣ, ба мисли суманак, ширбиринҷ, ширкаду, самбӯса, оши палав, оши бурида, гандумкӯча писанди ҳамагон аст. Ин хӯрокҳо на танҳо лазиз ҳастанд, балки хусусияти шифоӣ ҳам доранд. Зеро аксари онҳо аз гандум, донагиҳо ва гиёҳҳои шифобахш, аз ҷумла шибит, пудина, райҳон, ҷамбилак ва ғайраҳо омода мешаванд, ки барои саломатӣ муфид мебошанд»,- мегӯяд ӯ.*

*Тавре гуфтем, ҳамаи хӯрокҳое, ки барои Наврӯз омода мешаванд, маъмулан аз гандум ё ҷав омода мегарданд.*

*Ин коршинос намунаи чанд таоми наврӯзиро номбар кард, ки онро манзури шумо мекунем.*

## СУМАНАК

Як навъ хӯриши наврӯзист, ки аз шираи сабзаи гандум пухта мешавад. Барои тайёр кардани он ду ҳафта қабл аз ҷашни Наврӯз мардум дар хонаҳояшон дар табақҳо гандумҳоро шуста, месабзонанд ва рӯзи ид ба ҷашнгоҳ меоранд. Он ҷо ҳамроҳ бо занҳои дигар дар деги калоне суманак мепазанд.



## ОШИ ПАЛАВ

Оши палав яке аз хӯрокҳои маъмулу серғизо буда, он дар тамоми ҷашну маъракаҳои мардуми тоҷик серистеъмол мебошад. Мояи ифтихор аст, ки ин хӯрок ба қатори мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шудааст.

Тавре дар Созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО гуфта шудааст, «палав дар ин давлати Осиё як ҷузъи мероси умумии



фарҳангист». Зиёда аз 200 тарзи пухтани оши палав мавҷуд аст. Ин таом аз гӯшту биринҷ, сабзиву равған ва пиёз омода шуда, ба он мувофиқи табъ нахӯду мавиз ва дигар хӯшбуйкунандаҳоро ҳамроҳ менамоянд.

## ШИРКАДУ

Ширкаду як навъи таомест, ки аз давраҳои қадим дар байни тоҷикон маъмул аст. Тарзи омода кардани ширкаду дар аксар ноҳияҳои Тоҷикистон тақрибан ҳамгун мебошад. Кадуи расидаро аз пӯсту дона ҷудо карда мешӯянд ва онро, маъмулан, чоркунча пора карда, ба деги обдор каме намак илова намуда меҷӯшонанд.



Ҳамин ки каду нимпаз шуд, ба дег шир андохта, боз 8–10 дақиқа меҷӯшонанд. Сипас, оташро хомӯш карда, то каме хунук шуданаш 15–20 дақиқа нигоҳ медоранд. Хӯроки омодаро ба косаҳо мекашанд.

## ГАНДУМКӮЧА (ДАЛДА)

Далда ё боҷ хӯроки наврӯзиест, ки дар баъзе аз минтақаҳои мамлакат онро гандумкӯча ё ин ки дангича ном мебаранд. Ин намуди таоми наврӯзӣ аз шикамба, почаи гов ё гӯсфанд ва ҳафт намуд зироати донагӣ, ба монанди гандум, ҷав, лӯбиё, нахӯд, кунҷид ва мушунг омода карда мешавад. Ҳамаи маҳсулоти номбаршударо дар зарфи калон якҷоя карда, ба он оби бисёр илова



менамоянд ва дар муддати як шабонарӯз онро дар оташи паст мепазанд. Ин навъи таом мисли суманак як шабонарӯз омода карда мешавад.

*Инчунин, хони идонаи наврӯзии тоҷиконро дигар намуди таомҳо, ба мисли хамирӣ, гӯштӣ ва сабзавоту гиёҳҳои ширфобахши фасли баҳор оро медиҳанд, ки инҳо ҳам аз ҷиҳати таъм лазиз буда, хусусияти давоӣ низ доранд:*

## ОШИ ТУППА

Оши туппа - хӯроки аз хамир омодашуда буда, хамири дар он истифодашавандаро чоркунҷа мебуранд. Дар оби ҷӯшида истода, ки дар он алафҳои баҳорӣ андохта шудааст, хамирҳои буридашударо мепартоянд. Ба ин хӯрок ҳам нахуду лӯбиё ҳамроҳ мекунанд.



## САМБӮСА

Яке аз хӯрокҳои маъмул дар байни аҳолӣ буда, барои тайёр кардани он орд, об, намак ва равғани зард, гӯшти қиммашуда, пиёз ва мурчу зира лозим аст. Самбӯса як-



чанд навъ мешавад: самбӯсаи танӯрӣ, самбӯсаи варақӣ, кадугӣ ва алафӣ. Дар баҳорон, асосан аз алаф самбӯса мепазанд.

## ШАКАРОБ

Шакароб аз навъҳои хӯроки маъмули мардуми тоҷик ба шумор меравад. Онро бо истифода аз фатир, чака



ё дӯғ, гиёҳҳои сабз, сирпиёз, помидор ва бодиринг омода менамоянд. Он дар ҳар минтақаи ҷумҳурӣ ба таври хосса омода карда мешавад.

**Зарангези Латиф**


МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ
«ФИРӮЗА»
«Занони Тоҷикистон»
Таъсис аз соли 1932

Муассис:
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:**
Мавҷуда Саид

**МУШОВИРОН:**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ**
*Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ**
*Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа*

**Сатториён Матлубахон Амонзода**
*Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Хайринисо Юсуфӣ**
*Муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Сафарзода Давлат Шариф**
Муовини Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зулфия Атоӣ**
Шоири халқии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

Муҳиддин Олимов
*Муовини сармуҳаррир*

Зулфияи Шариф
*Котиби масъул*

*Муҳаррирон:*
Сарвар Урозова
Одил Соҳибзода
Марям Холиқзода
Сайрам Ҳикматова
Шоиста Исматзода
Сорбон Асрор

Заур Дахте
*Суратгир*
Фурӯзонфар Неъматов
*Дизайнер*

**НИШОНИИ ИДОРА:**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 34
тел./факс: 221-55-64 / 227-65-88
E-mail: firuza_tojikiston@mail.ru

Андозаи 60х84 1/8.
ҷузъи чопӣ 4.
Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.

Масъулияти саҳеҳии арқом, санаду иқтибос ба зиммаи муаллифон аст.
Дар ин шумора баъзе хабару гузоришҳо ва аксҳо аз расонаҳои Интернет истифода шудаанд.

Нашри маводди маҷаллаи «Фирӯза» бе иҷозат мамнуъ аст!



# БА МАҶАЛЛАИ «ФИРӮЗА» БАРОИ СОЛИ 2024 ОБУНА ШАВЕД!

*Хонандагони азиз!*

*Маҷаллаи «Фирӯза» инъикосгари ҳаёт, фаъолият ва баёнгари зиндагии ибратомӯзи шумост! Розу ниёзшунав ва маслиҳатгару ҳамдили шумост!*

*«Фирӯза» ҳамсуҳбатест, ки ба шумо шеъру достон мехонад, қиссаву ҳикоя мекунад, чун оина чеҳраҳоятонро ба тозагиву зебоӣ менамояд, ҳунару эҷод ва мавқеи шуморо дар ҷамъият чун намунаи ибрат тарғиб мекунад.*

*«Фирӯза» беш аз 90 сол аст, ки по ба пойи шумо қадам мебардорад, бо шукргузорӣ аз озодиву Истиқлоли давлатӣ васфи дастовардҳои Ватанро мекунад.*

*Барои дар сатҳи баланд нашр шудани маҷалла саҳми ҳар яки шумо ҳалкунанда мебошад. Моро дастгирӣ намоед ва ба маҷаллаи занони Тоҷикистон «Фирӯза» обуна шавед!*

*Обуна дар тамоми шуъбаҳои Департаменти «Почтаи Тоҷикистон» қабул карда мешавад.*

*Индекси обуна 77543*

*Арзиши обунаи солона 180 сомонӣ, тариқи почта 205 сомонӣ.*

*Агар маблағро бевосита ба суратҳисоби маҷаллаи «Фирӯза» интиқол кардан хоҳед, суратҳисоби мо чунин аст:*

*Р/С 20202972700621101000*
*МФО 350101626*
*К/С 20402972316264*
*РЯМ 030002727*
*Инд. 734025*
*Департаменти Хазинадории*
*БДА ҶТ «Амонатбонк»*
*С/М МД маҷаллаи «Фирӯза»*